# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

№4 (111)
ОКТЯБР-ДЕКАБР
2025

*Итминони комил дорам, ки мо ҳама аҳлонаву сарҷамъона минбаъд низ ба хотири рушду пешрафти Тоҷикистони маҳбубамон ва ободии Ватани азизамон заҳмат мекашем, ба ҳамаи ҳадафҳои некамон мерасем ва нуфузу обрӯи давлати тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

25 СОЛАГИИ БАРОРИШИ ПУЛИ МИЛЛИИ СОМОНӢ 2000-2025

**Пули сомонӣ – рукни давлатдории миллӣ ва омили истиқлолияти иқтисодӣ**





Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

*Роҳи тайкардаи мо дар зарфи қариб 35 соли гузашта баръало нишон дод, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба анҷоми корҳои бузург қодиранд, Ватани хешро сидқан дӯст медоранд ва барои ҳимояи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодии худ ҳамеша омодаанд.*

# ДАР ИН ШУМОРА:


3 | **ПРЕЗИДЕНТ**
ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАРҲАЛАИ НАВИ ИСЛОҲОТ, ШАФФОФИЯТ ВА РУШДИ САРМОЯГУЗОРӢ БАРОИ НИЗОМИ БОНКӢ ВА СУҒУРТАИ КИШВАР




THE INVESTOR BY BEYOND INVESTMENTS GROUP


12 | **САНАДИ МУҲИМ**
САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2026 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ

22 | **THE INVESTOR: FEATURED INTERVIEW**
INVESTMENT CLIMATE AND FINANCIAL SECTOR REFORMS IN TAJIKISTAN

36 | **ПУЛИ СОМОНӢ –** РУКНИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ВА ОМИЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ

54 | **ФЕСТИВАЛИ “САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ” –** ҚАДАМИ УСТУВОР ДАР РОҲИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ МОЛИЯВИИ АҲОЛӢ

18 | **РӮЙДОДҲОИ МУҲИМ**
РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО НАМОЯНДАГОНИ БАТР МАСЪАЛАҲОИ ҲАМКОРИИ МОЛИЯВИРО БАРРАСӢ НАМУД

19 | ҲАМКОРИИ БОНКИ МИЛЛӢ БО SECO ДАР ТАҚВИЯТИ БАХШИ МОЛИЯВӢ ИДОМА МЕЁБАД

20 | “DUSHANBE INVEST–2025”: ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН МУҲАРРИКИ РУШДИ САРМОЯГУЗОРӢ

21 | НАТИҶАҲОИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶАЛАСАИ ШУРО БАРРАСӢ ГАРДИД

26 | **ҲАМКОРИҲОИ СУДМАНД**
ХБА БАРРАСИИ СЕЮМ ВА НИҲОИИ БАРНОМАИ PCI-И ТОҶИКИСТОНРО АНҶОМ ДОД

27 | ИШТИРОКИ ҲАЙАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАЛАСАҲОИ СОЛОНАИ ХБА ВА ГУРӮҲИ БОНКИ ҶАҲОНӢ: ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ПУШТИБОНИИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ

# ДАР ИН ШУМОРА:


27 ГУСТАРИШИ ҲАМКОРӢ БО БОНКИ ИСЛОМИИ РУШД

30 ВОХӮРИИ РОҲБАРИЯТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ҲАЙАТИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР

31 ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ “DIGITAL TAJIKISTAN”: МАРҲИЛАИ НАВИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

32 БАРРАСИИ ТАВСЕАИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР САМТИ МОЛИЯИ ФАРОГИР, РОҲБАРИИ ЗАНОН ВА МОЛИЯИ САБЗ ДАР ЛЮКСЕМБУРГ

34 ФОРУМИ “ASIA SMALL AND MEDIUM-SIZED ENTERPRISE MONITOR 2025”: ТОҶИКИСТОН ТАҶРИБАИ ХУДРО ДАР ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА МУАРРИФӢ КАРД

38 ЭЪТИРОФИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА НУФУЗИ ПУЛИ МИЛЛӢ

39 ТАРБИЯИ МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ: САРМОЯГУЗОРӢ БА ОЯНДА

40 НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАЪРИХИ ДАВЛАТДОРӢ ҲАМОИШИ БОШУКӮҲ ДАР ОСОРХОНАИ МИЛЛӢ

43 ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН РОҲНАМОИ РУШДИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ВА БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

51 БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ТАЪСИСИ ПОРТАЛИ ЯГОНАИ МУҚОИСАВИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВӢ ҚАДАМҲОИ АМАЛӢ МЕГУЗОРАД

56 ҶАЛАСАИ КОРӢ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ АУДИТОРӢ ДАР НИЗОМИ СУҒУРТА

58 ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ КОМИССИЯИ БАЙНИИДОРАВӢ ОИД БА МУҚОВИМАТ БА ҚОНУНИГАРДОНИИ ДАРОМАДҲОИ ҶИНОЯТӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ

68 ҲИСОБОТИ БОНКҲО ВА ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР



Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
4 (111) ОКТЯБР-ДЕКАБР, 2025



тел: +992 (44) 600- 32- 49
факс: +992 (44) 600- 32- 49

**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1
e-mail: majalla@nbt. tj



**РАИСИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ф. Толибзода

Аъзои Шурои машваратӣ:
Н. Ҳикматуллозода
Д.Муродализода
Қ. Хушвахтзода
Ш. Хайрзода
Т. Ҳақназаров
М. Ҳасанова

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: М. Ҳасанова

Кормандон:
М. Умадуллоева
Ҳ. Муҷебуллоев



Маҷаллаи "Бонкдорӣ, Тараққиёт, Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №441/МҶ- 97, аз 07 октябри 2025 с.


Маҷалла ба хотири таъмини гуногунандешӣ маводи муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.


Теъдоди нашр: 800 нусха.
Дар матбааи
ҶДММ "Орбита" чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Чехов, 1/1, 17.



# Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: марҳалаи нави ислоҳот, шаффофият ва рушди сармоягузорӣ барои низоми бонкӣ ва суғуртаи кишвар

**Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*16.12.2025 12.23, шаҳри Душанбе*

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ ва барномавӣ буда, дар он натиҷаҳои рушди кишвар дар соли 2025 ҷамъбаст гардида, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ барои солҳои минбаъда муайян карда шудаанд. Дар Паём масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва байналмилалӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, вазифаҳои мушаххас барои Ҳукумат, парлумон ва тамоми ҷомеа муайян шудаанд.

Дар оғози Паём Сарвари давлат таъкид намуданд, ки соли 2025 барои мардуми Тоҷикистон соли дастовардҳои назаррас ва рӯйдодҳои таърихӣ буд. Аз ҷумла, интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар фазои “озод, шаффоф ва дар сатҳи баланд” баргузор гардид. Ин чорабинии муҳимми сиёсӣ нишонаи устувории низоми давлатдорӣ ва болоравии фарҳанги сиёсии ҷомеа арзёбӣ гардид.

Яке аз рӯйдодҳои муҳимтарини таърихии соли 2025 ҳалли пурраи масъалаи сарҳадии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дониста шуд. Ба таъкиди Роҳбари давлат, ин масъалае буд, ки “тайи беш аз сад сол ҳалнашуда боқӣ монда буд” ва ҳалли он ба таҳкими сулҳ, субот ва дӯстии ду халқи ҳамсоя заминаи боэътимод гузошт. Ҳамчунин, имзои шартнома миёни Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатии се кишвар ва қабули Эъломияи Хуҷанд дар бораи дӯстии абадӣ ҳамчун қадами муҳим дар роҳи руш-





> Пазируфтани ин ташаббусҳо ифодаи эътироф ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи глобалӣ ба ҳисоб меравад.

ди ҳамкориҳои минтақавӣ арзёбӣ гардид.

Президенти кишвар ба ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Аз ҷумла, мизбонии нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо дар доираи "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" ва қабули қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ҳифзи пиряхҳо ва криосфера нишонаи нуфузи рӯзафзуни Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ дониста шуд. Ҳамчунин, қабули қатъномаи СММ зери унвони "Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ" аз ташаббусҳои муҳимми кишвар дар самти рушди технологияҳои муосир ба ҳисоб меравад.

"Пазируфтани ин ташаббусҳо ифодаи эътироф ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи глобалӣ ба ҳисоб меравад".

Дар идомаи Паём натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар даҳ соли охир таҳлил карда шуданд. Сарвари давлат изҳор доштанд, ки тайи даҳ соли охир, яъне дар давраи татбиқи ду барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар, ки марҳалаҳои фосилавии иҷрои Стратегияи миллии рушд то соли 2030-ро дар бар мегиранд, ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бисёр иқдомоти муҳимму самарабахш амалӣ карда шуданд.

Дар натиҷа ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар зиёд гардида, иқтисоди миллии мо ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз афзоиш ёфт.





Барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 670 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 159 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ равона гардид.

Дар ин давра маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 2,7 баробар афзоиш ёфта, аз 6 ҳазор сомонии соли 2015 ба 16,4 ҳазор сомонӣ дар соли 2025 расонида шуд.

Аҳолии кишвар аз 8,5 миллион нафари соли 2015 ба 10,7 миллион нафар дар соли 2025 расид, яъне 26 фоиз зиёд гардид ва нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ аз 70 ба 77 сол расид.

Соли 2025 Барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар барои солҳои 2026 – 2030 ҳамчун марҳалаи ниҳоии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 қабул гардид.

Амалисозии саривақтӣ ва сифатноки он имкон медиҳад, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ду баробар афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатӣ то 10 фоиз кам ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ то 50 фоиз зиёд гардад.

Дар ин давра рушди иқтисодӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 8,7 фоиз, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноат 20 фоиз, кишоварзӣ 8,4 ва ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ 11,7 фоиз афзоиш меёбад.

Вобаста ба ин, ба Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки барои ноил гардидан ба афзалиятҳои рушд амалисозии саривақтӣ ва пурраи Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026 – 2030-ро таъмин намоянд.

Ҳоло дар кишвар дар самти ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои саноатӣ, сохтмону азнавсозии иншооти энергетикиву нақлиётӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, тавсеаи хизматрасониҳо, густариши ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муҳим тадбирҳои мушаххас амалӣ шуда истодаанд.

Соли 2025 маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба 173 миллиард сомонӣ расида, суръати рушди воқеии он 8,4 фоизро ташкил дод.

Дар баробари ин, моро

зарур аст, ки суръати рушди иқтисоди миллиро дар соли 2026 на кам аз 8 фоиз ва солҳои минбаъда низ устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро таъмин намоем.

Ҳукумати мамлакат бояд самтҳои афзалиятноки рушди технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, саноатикунонии босуръат бо технологияҳои муосир, истифодаи имкониятҳои транзитӣ ва сайёҳӣ, идомаи ислоҳоти идоракунии давлатӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар гардонидани фазои сармоягузориро тақвият бахшад.

Дар ин раванд, ба идоракунии самаранoки корхонаҳои давлатӣ, рушди иқтисоди "сабз" ва "даврагӣ", гузариш ба модели иқтисодии ба донишу навоварӣ асосёфта, рушди сармояи инсонӣ ва пешгирӣ кардани таъсири тағйирёбии иқлим бояд эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ин дастовардҳо дар ҳама соҳаҳо самаранок истифода гардида, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хизматрасонӣ табдил дода шаванд.

Парламенти кишварро зарур аст, ки барои таъмин намудани заминаи ҳуқуқии гузаштан ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ чораҷӯӣ намояд.

> ... ба Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки корро ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва истифодаи инфрасохтори пардохт тақвият бахшанд.

Дар ин раванд, Хадамоти алоқа вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати амалисозии иқдомоти созанда дар доираи "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия", инчунин, дар асоси ҳадафу вазифаҳои стратегии кишвар лоиҳаи "Стратегияи рушди соҳаи алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040"-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Зарур аст, ки ҷиҳати бо интернети баландсуръат таъмин намудани аҳолӣ ва рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла таҷдиди хатҳои нахиву нурии байнишаҳрӣ ва зиёд намудани хатҳои байналмилалӣ чораҳои фаврӣ андешида шаванд.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ вазифадоранд, ки якҷо бо вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав ва молия талаботи бозори меҳнатро дар самти иқтисоди рақамӣ омӯхта, барои зиёд намудани теъдоди мутахассисони соҳаи мазкур, инчунин, баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамчунин, ба Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки корро ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва истифодаи инфрасохтори пардохт тақвият бахшанд.

Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ҷиҳати пурра ҷорӣ намудан ва оммавӣ гардонидани сомонаи ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешад".

Дар Паём самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръат, рушди иқтисоди рақамӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ, тавсеаи инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ, рушди сайёҳӣ ва истифодаи имкониятҳои транзитӣ муайян карда шуданд. Президенти кишвар таъкид намуданд:

"Имрӯз моро зарур аст, ки раванди идоракунии

давлатиро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда, таъсири омили инсониро дар тамоми соҳаҳо ва ҳама гуна муносибатҳои молиявӣ коҳиш диҳем".

Дар ин замина, ба парлумон ва вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки заминаи ҳуқуқии гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъиро таъмин намоянд. Ҳамчунин, рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ, баланд бардоштани сифати интернет ва омодасозии мутахассисони соҳаи рақамӣ аз вазифаҳои муҳим арзёбӣ гардид:

"Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ ва Кумитаи андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати гузариши пурра ба раванди рақамии идораи молияи давлатӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, корбарӣ намоянд. Ҳукумати мамлакатро бояд ҷиҳати осон намудани дастрасии бахши хусусӣ ба захираҳо, хизматрасониҳои давлатӣ, иттилоот, воситаҳои арзони молиявӣ, технологияҳо ва донишҳо барои баланд бардоштани рақобатнокӣ, таҳияву татбиқи лоиҳаҳои

> Имрӯз моро зарур аст, ки раванди идоракунии давлатиро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда, таъсири омили инсониро дар тамоми соҳаҳо ва ҳама гуна муносибатҳои молиявӣ коҳиш диҳем.

сармоягузорӣ ва таҳкими мавқеъ дар бозорҳои ватаниву хориҷӣ тадбирҳои муассир андешад.

Ҳамчунин, бо дарназардошти амалисозии ҳадафҳои стратегии давлат корҳо дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, хусусан, сармояи мустақим бояд вусъат дода шаванд.

То имрӯз барои такмили маъмурикунонии андоз, тавсеаи ҳамкориҳои фосилавӣ бо шаҳрвандону андозсупорандагон ва густариши иқтисоди рақамӣ дар доираи "Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 – 2025" як қатор тадбирҳои муҳим амалӣ карда шуданд.

Тадбирҳои амалигардида ба рақамикунонии соҳа, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои электронии давлатӣ, соддагардонии иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, инчунин, ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва болоравии фарҳанги андозсупории соҳибкорон мусоидат намуданд.

Бо дарназардошти идомаи ислоҳот ва зарурати тақвияти дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки Барномаи нави рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2026 – 2030-ро дар муҳлати кӯтоҳ қабул ва татбиқ намояд.

Ҳамзамон бо ин, вазорату идораҳо доир ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ ва фарҳанги андозсупории шаҳрвандону андозсупорандагон чораҳои иловагӣ андешанд".

Дар бахши молия ва бонкдорӣ Сарвари давлат зарурати баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ ва мутобиқ намудани низоми молиявӣ ба меъёрҳои муосирро таъкид намуданд. Тавсеаи бозори коғазҳои қиматнок, ҷорӣ намудани коғазҳои қиматноки "сабз" ва таҳияи Стратегияи рушди бозори сармоя ҳамчун вазифаҳои афзалиятнок муайян шуданд. Инчунин, таъсиси Фонди кафолати қарзҳо барои дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳод гардид:

**Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва сав-**

**до, Бонки миллӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар сохторҳои дахлдор вазифадоранд, ки барои тавсеаи бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ ва корпоративӣ чораҳои заруриро амалӣ намоянд.**

**Хотирнишон менамоям, ки ба муомилот баровардани коғазҳои қиматноки "сабз" ва ташкили бозори такрории фаъолу шаффофи онҳо яке аз вазифаҳои муҳим дар ин самт мебошад.**

Ҳамзамон бо ин, бояд Стратегияи рушди бозори сармоя таҳия ва қабул карда шавад.

**Дар даҳ соли охир ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 143 миллиард сомониро ташкил додааст.**

Вале ҳамагӣ 38 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки ин ҳанӯз кофӣ нест.

Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба низоми бонкӣ, пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва боз ҳам зиёд намудани пешниҳоди қарз ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисод, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Барои беҳтар намудани дастраси соҳибкорони истеҳсолӣ ба маблағҳои арзони дарозмуддат ва афзоиш додани ҳаҷми қарз пешниҳод менамоям, ки Фонди кафолати қарзҳо таъсис дода шавад.

> Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба низоми бонкӣ, пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва боз ҳам зиёд намудани пешниҳоди қарз ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисод, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Инчунин, барои беҳтар намудани шароити иҷтимоии мардум ва тавсеаи имкониятҳои дастрасии шаҳрвандон ба манзили истиқоматӣ зарур аст, ки механизмҳои рушди бозори қарзҳои ипотекиро такмил дода, ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми чунин қарзҳо ба аҳолӣ тадбирҳои дахлдор андешида шаванд".

Қисми муҳимми Паём ба соҳаҳои иҷтимоӣ бахшида шуд. Бо мақсади беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ Президенти кишвар супориш доданд, ки аз 1-уми сентябри соли 2026 маоши кормандони соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, илм ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин нафақа ва стипендияҳо зиёд карда шаванд. Ин тадбирҳо ҳамчун қадами муҳим дар роҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ арзёбӣ гардиданд.

Дар Паём нақши ҷавонон ҳамчун "неруи асосии пешбарандаи ҷомеа" махсус таъкид гардид. Сарвари давлат изҳор доштанд, ки ҷавонони тоҷик имрӯз дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат саҳми арзанда доранд ва дар оянда низ дар рушди кишвар нақши калидӣ мебозанд:

"Имрӯз ҷавонони мо бо кору фаъолияти созандаи худ дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвари соҳибистиқлоламон саҳми бузург доранд.

Ҳоло дар кишварамон соҳае нест, ки ҷавонон дар он нақши фаъол надошта бошанд.

Бовар дорам, ки ҷавонони бонангу номуси даврони истиқлол дар пешрафти иқтисоди миллӣ, тараққиёти давлат ва ободии Ватани худ минбаъд низ саҳми арзишманд мегузоранд.

Мо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҳаёти кӯдакон ва наврасону ҷавонон ва фароҳам овардани шароиту имкониятҳои боз ҳам беҳтари таҳсил ва кору фаъолият барои онҳо, яъне наслҳои ояндасози миллат ва Ватан минбаъд низ чораҷӯйӣ менамоем".

Ҳамчунин, масъалаи баланд бардоштани мақоми занону бонувон ва иштироки фаъоли онҳо

дар идоракунии давлатӣ мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор гирифт: “Мо нақши бонувону занон ва духтарони бонангу номуси Ватанро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа ҳамеша қадрдонӣ мекунем ва аз саъю талоши онҳо ба хотири бунёди оянда ободу осудаи кишварамон ифтихор дорем.

Масъалаи баланд бардоштани мақоми занону бонувон ва тарбия кардану ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин намудани бонувону духтарони лаёқатманд дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор дорад ва мо ин сиёсатро дар оянда низ идома медиҳем.

Бовар дорам, ки занону бонувони мамлакат барои тарбияи фарзандон дар руҳияи омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар, риояи қонунҳои миллӣ “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим” ва “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои мардуми бостонии тоҷик, аз ҷумла сарфаю сариштакорӣ ва пӯшидани либосҳои миллӣ саъю кӯшиши бештар ба харҷ медиҳанд.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки онҳо дар масъалаи муқовимат ба бегонапарастиву хурофот ва исрофкориву зиёдаравӣ дар сафи пеши ҷомеа қарор мегиранд”.

Агар мо хоҳем, ки давлати пешрафта, Ватани обод ва зиндагии осуда дошта бошем, бояд кӯшиш кунем, ки фарзандонамон соҳиби саводу дониш ва касбу ҳунар шаванд.
Бедор намудани хотираи таърихӣ дар таҳкими ҳисси миллии шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон, ки ояндаи миллат ва давлат мебошанд, нақши бисёр муҳим дорад.

Дар бахши фарҳанг Президенти кишвар аҳаммияти ҳифзи мероси таърихиву фарҳангиро таъкид намуда, зикр карданд, ки мероси фарҳангӣ “шиносномаи миллати тоҷик” мебошад. Бунёди Театри миллӣ, ворид гардидани ёдгориҳои Хуттали қадим ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ва эътирофи арзишҳои фарҳангии тоҷикон дар сатҳи байналмилалӣ аз дастовардҳои муҳим арзёбӣ гардиданд:

“Агар мо хоҳем, ки давлати пешрафта, Ватани обод ва зиндагии осуда дошта бошем, бояд кӯшиш кунем, ки фарзандонамон соҳиби саводу дониш ва касбу ҳунар шаванд.

Бедор намудани хотираи таърихӣ дар таҳкими ҳисси миллии шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон, ки ояндаи миллат ва давлат мебошанд, нақши бисёр муҳим дорад.

Мо ба ин масъалаи муҳим ҳамеша таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар даҳ соли охир 150 иншооти соҳаи фарҳангро сохта, ба истифода додем ва 350 иншооти дигари соҳаро таъмиру азнавсозӣ кардем.

Ҳамчунин, дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе бузургтарин иншооти соҳа – Театри миллиро бо шароиту имкониятҳои муосир бунёд карда истодаем, ки туҳфаи Ҳукумати мамлакат ба мардуми кишвар ва аҳли фарҳангу ҳунар ба ифтихори ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ мебошад.

Ба хотири баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва завқи бадеии аҳолии мамлакат, хусусан, ҷавонону наврасон аз ҷониби муассисаҳои соҳаи фарҳанг дар даҳ соли сипаригардида 900 номгӯй адабиёти бадеиву бачагона нашр ва ба китобхонаҳо дастрас карда шуд.

Дар ин давра бо дастури Роҳбари давлат 3 миллиону 200 ҳазор нусха китоби “Тоҷикон”-и аллома Бобоҷон Ғафуров ва “Шоҳнома”-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ чоп ва ба аҳолии мамлакат ройгон туҳфа карда шуд.

Мероси таърихиву фарҳангӣ шиносномаи миллати куҳанбунёди тоҷик мебошад.

Вале бо вуҷуди он ки ёдгориҳои бостонӣ зиёда аз 70 фоизи ин меросро ташкил медиҳанд, дар кишвар қонуни соҳаи бостоншиносӣ мавҷуд нест.

Вобаста ба ин, масъулини соҳаро зарур аст, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дар муҳлати кӯтоҳтарин таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Соли равон бо саъю талошҳои кишвари мо 11 ёдгории мероси фарҳангии Хуттали қадим (дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Данғара, Восеъ, Фархор ва Ховалинги вилояти Хатлон) ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд.

Дар ин радиф, аз ҷониби ЮНЕСКО қабул шудани қатъномаҳо дар мавриди эътирофи шаҳри Панҷакент ҳамчун "Шаҳри ҷаҳонии ҳунарҳои дастӣ барои сӯзанидӯзӣ" ва бузургдошти 1050-солагии Робияи Балхӣ дар солҳои 2026 – 2027 далели ҷойгоҳи хоссаи мероси арзишҳои фарҳангиву маънавии тоҷикон дар тамаддуни умумибашарӣ мебошад.

Ҳамчунин, танзими ҳамоишҳо зери унвони "Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи гуногунрангии фарҳангӣ" (аввалин эъломияи ҳуқуқи башар дар таърихи инсоният) боиси ифтихору сарбаландии миллати ориёии мо мебошад.

Дар ин росто, мо бояд барои ҳифзи арзишҳои моддиву ғайримоддии миллати худ муаррифии шоистаи онҳоро дар арсаи байналмилалӣ ҳадафмандона идома диҳем".

> Роҳи тайкардаи мо дар зарфи қариб 35 соли гузашта баръало нишон дод, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба анҷоми корҳои бузург қодиранд, Ватани хешро сидқан дӯст медоранд ва барои ҳимояи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодии худ ҳамеша омодаанд.

Дар баробари ин, **таъмин будани амнияти ҷомеа, суботи сиёсӣ, сулҳу ваҳдат ва волояти қонун кафолати рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар мебошад.**

**Маҳз сулҳу субот, амнияту осоиш ва волояти қонун имкон дод, ки мо рушди босуръати иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсии кишварро таъмин карда, сатҳи некуаҳволии халқро баланд бардорем.**

**Агар дар ҷомеа ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу суботи устувор ва волояти қонун набошад, мо ба ягон ҳадафи неки худ намерасем ва ягон нақшаи мо амалӣ намегардад.**

Инро бояд хурду бузурги мамлакат дар хотир дошта бошанд".

Дар анҷоми Паём Сарвари давлат ба масъалаи истиқлол ва ваҳдати миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид карданд, ки соли 2026 - соли ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ мебошад:

**"Соли 2026 барои мо соли таърихӣ – соли ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ аст.**

Яъне Тоҷикистони куҳанбунёд, аммо тозаистиқлоли мо 35-сола мешавад.

Тайи панҷ соли охир тамоми қишрҳои ҷомеа ҷиҳати сазовор истиқбол намудани ин санаи таърихӣ сарҷамъона заҳмат кашида, корҳои бузургро анҷом дода истодаанд.

Аз 29 ҳазор иншооту биноҳои ба ифтихори ҷашни 35-солагӣ ба нақша гирифташуда то имрӯз 26 ҳазори онҳо ба истифода дода шудаанд, ки беш аз 70 фоизашон аз ҳисоби соҳибкорону шаҳрвандон мебошад.

Бовар дорам, ки то ҷашни муқаддаси миллӣ шумораи онҳо аз 30 ҳазор мегузарад.

Бо истифода аз фурсат, ман бори дигар ба ҳамаи соҳибкорону шах-

сони саховатпеша ва шаҳрвандони ватандӯсту заҳматқарин, бонангу номус ва масъулиятшиноси мамлакат самимона сипосу миннатдорӣ изҳор менамоям.

То рӯзҳои ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ вақти хеле кам мондааст.

Мо бояд то ин санаи муқаддас корҳои созандагиро боз ҳам вусъат бахшида, чорабиниҳои ҷашниро бо сатҳу сифати баланд амалӣ созем.

Ҳар як шаҳрванд ва ҳар як оила бояд бо дарки масъулияти ватансозиву давлатсозӣ, пеш аз ҳама, хонаву кошона ва кӯчаву маҳалли зисти худро таъмиру тармим ва тозаву озода намояд.

Яъне ҳар як фарди ҷомеа бояд ба ифтихори ин ҷашни муқаддас барои пешрафти давлати худ ва ободии Ватани азизи хеш кори некеро анҷом дода, созандаву бунёдкор ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани миллати тоҷикро нишон диҳад.

Роҳи тайкардаи мо дар зарфи қариб 35 соли гузашта баръало нишон дод, ки **мардуми шарифи Тоҷикистон ба анҷоми корҳои бузург қодиранд, Ватани хешро сидқан дӯст медоранд ва барои ҳимояи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодии худ ҳамеша омодаанд.**

Дар шароити бӯҳрониву нооромe, ки ҷаҳони имрӯза қарор дорад, ҳифзи истиқлолу озодӣ, заҳмат ба хотири пешрафти давлат ва ободии Ватан вазифаи аввалиндараҷаву ҳаррӯзаи ҳар як шаҳрванди бонангу номуси мамлакат маҳсуб меёбад.

**Пас биёед, ҳама якҷову ҳадафмандона, бо руҳияи баланди миллӣ, шукргузориву ифтихор аз соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва фарҳангу тамаддуни беш аз шашҳазорсолаи тоҷикон барои боз ҳам ободу пешрафта гардонидани Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон ва баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ кӯшишу талош намоем.**

Бо доштани чунин фарҳангу тамаддуни бостонӣ мо набояд ба таассубу ифротгароӣ ва тақлид ба фарҳанге, ки бароямон бегонаву хатарбор аст, роҳ диҳем.

Азбаски чор сол пеш доир ба 35-солагии истиқлол қарор қабул карда будем, пешниҳод менамоям, ки соли 2026 соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ ба ифтихори ин ҷашни муқаддас ва бузурги миллӣ эълон карда шавад”.

Дар фарҷом Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо изҳори эътимоди комил ба ояндаи дурахшони кишвар таъкид намуданд, ки маҳз иттиҳод, заҳмати созанда ва садоқат ба Ватан метавонад пешрафти минбаъдаи Тоҷикистонро таъмин намояд:

“Ман ба ояндаи неку дурахшони Ватани соҳибистиқлоламон ва иродаи қавии мардуми заҳматпешаву сарбаланди он эътимоди комил дорам.

Мардуми шарифи Тоҷикистон, ки дар 34 соли сипаришуда рӯзҳои бисёр сахту сангинро бо сабру таҳаммул ва бо иттиҳоду сарҷамъӣ паси сар карданд, қудрату имкониятҳои азими созандагӣ доранд ва маҳз ҳамин неруи азими созандаву ободгар фардои дурахшони Ватани азизамонро таъмин месозад.

Итминони комил дорам, ки мо ҳама аҳлонаву сарҷамъона минбаъд низ ба хотири рушду пешрафти Тоҷикистони маҳбубамон ва ободии Ватани азизамон заҳмат мекашем, ба ҳамаи ҳадафҳои некамон мерасем ва нуфузу обрӯи давлати тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем.

Ин қарзи милливу имонӣ ва вазифаи инсониву шаҳрвандии ҳар яки мост!

Дар ин ҷода, ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон, шумо – вакилони мардумӣ ва ҳозирини арҷманд, пеш аз ҳама, сулҳу оромӣ, саломативу хушбахтӣ, хонаи обод, саодати рӯзгор ва комёбиву барори кор орзумандам.

Ҳамеша саломату сарбаланд ва муваффақ бошед, ҳамватанони азиз!”.



# Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026 ва давраи миёнамуҳлат

27 ноябри соли 2025 таҳти раёсати раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи дуюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум баргузор гардид. Дар рӯзномаи ҷаласа "Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026 ва давраи миёнамуҳлат" барои баррасӣ пешниҳод гардид, ки ин масъаларо дар ҷаласа раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад муаррифӣ намуд. Мутобиқи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2025, таҳти № 214 "Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026 ва давраи миёнамуҳлат" тасдиқ гардид.

Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаҳои 4 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" таҳия гардида, мақсаду вазифаҳои сиёсати пулию қарзиро барои соли 2026 ва давраи миёнамуҳлат муайян менамояд.

Ҳадаф аз таҳияи ҳуҷҷати мазкур, пеш аз ҳама, ноил гардидан ба мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон – нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат тавассути воситаҳо ва усулҳои татбиқшавандаи сиёсати пулию қарзӣ мебошад.

## ПЕШБУРДИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ БАРОИ СОЛИ 2026 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ

Сиёсати пулию қарзӣ (ё худ сиёсати монетарӣ) яке аз бахшҳои асосии сиёсати макроиқтисодӣ ва мусоидаткунандаи рушди устувори иқтисодиёти ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Он вобаста ба вазъи дохилии макроиқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон, бахусус бо назардошти дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ҷумҳурӣ ва кишварҳои шарикони асосии савдо, хавфҳои мавҷуда, интизориҳои таваррумӣ ва тамоюли тағйирёбии сатҳи нархҳои ҷаҳонии молу хизматрасонӣ, ҷиҳати ноил шудан ба мақсади асосӣ – нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо (сатҳи таваррум) татбиқ карда мешавад.

Дар ин раванд, сиёсати пулию қарзӣ маҷмуи чораю тадбирҳои бонкҳои марказӣ (миллӣ) мебошад, ки барои нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо ва мусоидат ба рушди иқтисодиёти кишвар тавассути идоракунии ҳаҷми пул, сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ, меъёрҳои фоизӣ ва дастрасии қарз амалӣ карда мешавад.

Нигоҳдории муътадилии сатҳи нархҳо ба сифати яке аз нишондиҳандаҳои бунёдии (фундаменталии) макроиқтисодӣ барои коҳиш додани номуайянӣ ва интизориҳои манфии аҳолӣ, зиёд гаштани эътимод ба пули миллӣ ва қобилияти харидории он, пастшавии меъёри фоизҳо, тақсимоти босамари захираҳо, банақшагириҳои дарозмуддати соҳибкорон, афзоиши ҷалби сармоягузориҳо, ки дар маҷмуъ дар рушди воқеии иқтисодиёт ва сатҳи некуаҳволии мардум инъикос мегарданд, заминаи мусоид фароҳам меорад.

Маҳз аз ҳамин лиҳоз, Бонки миллии Тоҷикистон, ки дорои ҳуқуқи истисноии эмиссияи пули нақд, танзим кардани фаъолияти бонкӣ ва масъули таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории кишвар мебошад, мисли дигар бонкҳои марказӣ нигоҳдории муътадилии сатҳи нархҳоро дар давраи дарозмуҳлат мақсади асосии худ қарор додааст.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи кишварҳои ҳамсоя ҳамчун қисми ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ сарфи назар аз пешравӣ ва дастовардҳои намоён дар бахшҳои мухталиф ҳоло ҳам аз иқтисодиёти ҷаҳон вобастагии назаррас дорад. Аз ҷумла, тамоюли афзоиши маҷмуи содироту воридот ва тағйирёбии тавозуни савдо, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва воруди асъори хориҷӣ осебпазирии иқтисодиёти кишварро зиёд намудааст. Вобаста ба ин, таҳлил ва баҳодиҳии вазъи иқтисодиёти ҷаҳон, аз ҷумла вазъи иқтисодиёти кишварҳои шарикони асосии савдо, сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ, баҳодиҳию пешгӯиии хавфҳо ва андешидани чораҳои дахлдор барои татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва умуман сиёсати макроиқтисодии кишвар дар солҳои минбаъда низ нақши муҳим хоҳад дошт.

Қобили зикр аст, ки рӯйдодҳои молиявию иқтисодии ҷаҳон дар давоми моҳҳои март – сентябри соли ҷорӣ, аз қабили сиёсати кунунии ИМА бо ҷорӣ намудани тарофаҳои тиҷоратӣ ва таҳримҳо нисбат ба аксари кишварҳои ҷаҳон, хусусан шарикони савдои Тоҷикистон, ноустувориҳои сиёсӣ дар минтақа ва ҷаҳон, номуайяниҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ (бахусус бозорҳои молиявӣ), афзоиши қарзҳои давлатӣ ва зиёдшавии лаппишҳои қурбӣ сатҳи нобоварӣ ва шубҳаро дар миёни сармоягузорони хориҷӣ зиёд намуда истодаанд, ки ин то андозае ба сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ, тиҷорати байналхалқӣ ва рушди иқтисодиёти ҷаҳон таъсири манфӣ хоҳад расонид. Вобаста ба ин, сармоягузорон бо мақсади ҳифз кардани дороиҳои худ аз сармоягузориҳои дарозмуддат худдорӣ намуда, ба хариди сангу металлҳои қиматбаҳо диққати бештар медиҳанд, ки ин яке аз сабабҳои асосии болоравии назарраси нархи тилло гардидааст.

Тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалӣ дар соли 2026 иқтисодиёти ҷаҳон дар давраи гузариш ва ҷаҳони муосир дар роҳи тағйироти бунёдӣ қарор доранд. Зеро, рушди босуръати технологияи иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, таҳаввулоти иқтисоди рақамӣ ва гузариш ба иқтисоди сабз ҳамчун омилҳои асосии рушд фаъолияти ниҳодҳои молиявию иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳоро дигаргун хоҳанд сохт. Дар ин раванд, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдори кишварро зарур, аст ки фаъолияти худро ба ин тағйироту пешравиҳои ҷаҳонӣ саривақт мутобиқ намоянд.

Айни замон сиёсати пулию қарзӣ низ дар шароити навовариҳо ва таҳаввулоти бесобиқаи технологӣ, аз қабили пешрафти босуръати зеҳни сунъӣ, асъори рақамии бонкҳои марказӣ, рақамикунонии низомҳои молиявию иқтисодӣ, тағйироти иқлим ва парешонии равандҳои ҳамгироии ҷаҳонӣ (фрагментатсия) ба марҳилаи нави таҳаввулот ворид гардида истодааст.

Аз ҷумла, пайдоиши пулҳои рақамии бонкҳои марказӣ (CBDC) ҳамчун яке аз навовариҳои стратегии аср барои таъмини шаффофияти комил, коҳиши ҳадди ақалли хароҷот ва тақвияти таъсирбахшии воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ имконияти хуб фароҳам меорад. Чунин шароити мураккаб бонкҳои марказиро водор месозад, ки воситаю усулҳои анъанавии пешгирии омилҳои таваррумиро бо назардошти пешрафти илму технологияи муосир бознигарӣ намоянд. Зеро,

самаранокии сиёсати пулию қарзии ояндаи бонкҳои марказӣ ба қобилияти стратегии онҳо дар мутобиқшавӣ ба ҷаҳони зудтағйирёбанда тавассути ҳифзи мустақилият, таъмини шаффофияти комил, қабули қарорҳои илман ва воқеан асоснок, таҳкими сиёсати коммуникатсия, такмили донишу малакаи кормандон ва сариваќт гузарондани ислоҳоти муҳимми пулию қарзӣ вобаста хоҳад буд. Ҳамзамон, ҳамоҳангии фаъолияти вазорату идораҳои дахлдори кишвар ва тақвияти ҳамкории байналмилалӣ аз ҷумлаи омилҳои калидии муваффақият дар таъмини субот, рушди иқтисодиёти кишвар ва самаранокии сиёсати пулию қарзӣ дар солҳои 2026 ва давраи миёнамуҳлат арзёбӣ мегарданд.

ХБА[1] дар ҳисоботи навбатии худ нишондиҳандаи рушди иқтисодиёти ҷаҳонро, ки дар арзёбии нишондиҳандаҳои дигари молиявию иқтисодии ҷаҳон муҳим мебошад, мувофиқан 3,2 фоиз ва 3,1 фоиз барои солҳои 2025 ва 2026 пешбинӣ намудааст. Ҳарчанд сатҳи нишондоди мазкур дар муқоиса ба солҳои қаблӣ пасттар бошад ҳам, дар шароити кунунии ҷаҳонӣ қобили қабул мебошад. Коҳишёбии дурнамои нишондиҳандаи мазкурро ХБА ба эҳтимолияти таъсири манфии маҳдудиятҳои тиҷоратии ИМА (тарофаҳо), коҳишёбии маҷмуи талабот, тамоюли пастравии сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ, ҷараёни нисбатан сусти рушди иқтисодиёти кишварҳои ИМА, Ҷопон, Чин ва дигар кишварҳои рӯ ба тараққӣ иртибот медиҳад. Рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар солҳои минбаъда бештар ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар натиҷаи пешрафти зеҳни сунъӣ, рақамикунонӣ ва илму технологияи муосир вобаста хоҳад буд.

Сатҳи таварруми ҷаҳонӣ тибқи арзёбии ХБА вобаста ба муътадил гардидани нархи молҳои хӯроквори ва сӯзишворӣ, муътадилии маҷмуи талаботу пешниҳод дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва беҳтаршавии интизориҳои таваррумӣ тамоюли муътадилшавиро дар соли 2026 низ идома дода, то 3,6 фоиз пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2025 ба андозаи 0,6 б.ф. паст мебошад. Тибқи маълумотҳои Бонки Ҷаҳонӣ[2], сатҳи таварруми ҷаҳонӣ барои соли оянда мисли соли 2025 то 2,9 фоиз пешбинӣ гардидааст. Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2026 муътадил боқӣ мондани намояи нархҳои маҳсулоти хӯрокквориро бинобар камшавии маҷмуи талабот, нархи маводи сӯзишворӣ ва нуриҳои минералӣ пешбинӣ менамояд.

Бояд қайд намуд, ки раванди муътадилшавии сатҳи нархҳо дар ҷаҳон поёнравии меъёрҳои фоизии бонкҳои марказиро идома бахшида, фаъолнокии иқтисодиёти ҷаҳонро то андозае зиёд менамояд. Бахусус, паст намудани меъёри фоизӣ аз ҷониби кишварҳои абарқудрат ба афзоиши сармоягузориҳои хориҷӣ ва устуворшавии қурби асъори дигар кишварҳо, аз ҷумла қурби сомонӣ, мусоидат хоҳад кард. Аз ҷумла, Бонки марказии ИМА паст намудани меъёри фоизии худро дар соли 2026 ба нақша гирифтааст.

Нархи нафт ва маҳсулоти нафтӣ, аз ҷумла бензин ва газ, тибқи интизории бештари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва ширкатҳои тадқиқотӣ дар соли 2026 вобаста ба афзоиши номуайяниҳо ва коҳишёбии талабот муътадил боқӣ мемонад. Ба ин раванд номуайяниҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, ноустувории вазъи геосиёсӣ ва нисбатан коҳиш ёфтани рушди иқтисодиёти Чин, ки яке аз кишварҳои асосии воридкунандаи нафт мебошад, мусоидат хоҳанд кард.

Нархи тилло, ки яке аз нишондиҳандаи муҳимми баҳодиҳӣ ва муайянкунандаи рафтори сармоягузорон ва қурби асъори кишварҳои абарқудрат, бахусус доллари ИМА, маҳсуб мебад, тибқи дурнамои бештари ширкатҳои байналмилалии сармоягузор баланд боқӣ хоҳад монд. Болоравии нархи тилло, қабл аз ҳама, аз мавҷудияти номуайянӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва эҳтимолияти пешбурди сиёсати ҳавасмандгардонии пулию қарзӣ аз ҷониби Бонки марказии ИМА дарак дода, метавонад ба камшавии сармоягузориҳои хориҷӣ ва коҳишёбии қурби доллари ИМА мусоидат намояд.

Айни замон намояи фишори занҷираи таъминоти ҷаҳонӣ[3], ки мавҷудияти мушкилиҳои

1. World Economic Outlook, IMF, October 2025
2. Global Economic Prospects, World Bank, October 2025
3. Намояи мазкур (GSCPI) мунтазам аз ҷониби Бонки федералии захиравии ИМА ҳисоб карда мешавад.

таъмини молу маҳсулот ва хизматрасониро тасдиқ ё инкор менамояд, то моҳи октябри соли ҷорӣ муътадил арзёбӣ гардидааст. Яъне, аз рӯйи намояи мазкур айни замон дар масъалаи занҷираи таъминот ягон мушкилӣ дида намешавад. Аммо монеаҳои тиҷоратӣ байни кишварҳои абарқудрат дар соли 2026 метавонанд ба намояи мазкур таъсир расонанд.

Новобаста ба омилҳои эҳтимолии мусбат ва манфии дохилӣ ва берунии кишвар, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2026 низ дар радифи дигар кишварҳои минтақа ба шарофати дастгирии ҳамаҷонибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва пешбурди сиёсати самараноки макроиқтисодӣ, ҳамоҳангии фаъолияти вазорату идораҳои дахлдори кишвар ва иҷрои босифати нақшаву уҳдадориҳои пешбинигардида ба таври устувор рушд карда, сатҳи таваррум дар доираи ҳадафи муқарраршуда (5,0 фоиз ±2 б.ф.) ҷамъбаст хоҳад гардид.

Тибқи дурнамои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2026 бинобар афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то 20,1 фоиз, хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ то 10,4 фоиз, савдои чакана то 9,1 фоиз ва кишоварзӣ то 7,1 фоиз рушди воқеии ММД то 8,0 фоиз пешбинӣ мегардад. Ҳамзамон, вазорати мазкур рушди содироти кишварро дар соли оянда то 8,0 фоиз ва афзоиши сармоягузориҳои хориҷиро то 7,6 фоиз арзёбӣ намудааст. Афзоиши нишондиҳандаҳои мазкур аз як тараф хуб бошад ҳам, аз тарафи дигар омилҳои таваррумиро зиёд хоҳад кард.

Гарчанде рушди иқтисодиёти кишвар дар соли 2026 муътадил пешбинӣ гардида бошад ҳам, аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ ҳоло низ ба омилҳо ва хавфҳои берунӣ, бахусус ба тағйирёбии сатҳи нархҳои ҷаҳонии маҳсулоти хӯроквορӣ ва маводи сӯзишворӣ, осебпазир боқӣ хоҳад монд. Бинобар ин, вазъи кунунии иқтисодиёти ҷаҳон ва муътадилии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои Тоҷикистон ҷиҳати суръат бахшидани гуногунсозии иқтисодӣ, тақвияти робитаҳои иқтисодии минтақавӣ ва сармоягузорӣ, афзудани иқтидори истеҳсолӣ ва ба ин васила коҳиш додани сатҳи осебпазирӣ имкониятҳои хуб фароҳам овардааст.

## ДИАГРАММАИ САТҲИ ТАВАРРУМИ СОЛОНА ВА ҲАДАФИ ОН ДАР ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ



**Бинобар омилҳои болозикр, дар соли 2026 ва давраи миёнамуҳлат Бонки миллии Тоҷикистон бо назардошти хавфҳо ва фишорҳои эҳтимолии таваррумӣ дар доираи ваколатҳои худ ҷиҳати ноил шудан ба мақсади асосии худ, яъне нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи ҳадаф (5,0 фоиз ±2 б. ф.) тамоми чораҳои заруриро роҳандозӣ менамояд.**

Нишондиҳандаи мазкур бо назардошти таъсири хавфҳои эҳтимолии ҷойдошта ва бетағйир мондани дигар омилҳо барои соли 2026 аз рӯйи сенарияҳои оптимистӣ ва базавӣ дар доираи ҳадафи муқарраршуда пешбинӣ мегардад.

Дурнамои сатҳи таваррум дар асоси таҳлили сенарияҳои тағйирёбии эҳтимолии вазъи иқтисоди дохилию берунӣ, таъсири омилҳои мавсимӣ, маъмурӣ ва интизориҳо пайваста ҳар семоҳа дар ҷаласаҳои Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд - Кумита) баҳогузорӣ карда шуда, метавонад тағйир ёбад. Тибқи нақша ҷаласаҳои Кумита дар соли 2026 дар умум 4 маротиба (ҳар семоҳа) гузаронда мешаванд (замимаи 1). Бояд қайд намуд, ки дар ҳолатҳои фавқулода ҷаласаҳои ғайринақшавии Кумита низ баргузор карда мешаванд.

Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ вобаста ба вазъи макроиқтисодии кишвар самаранок истифода гардида, бо назардошти интизориҳои таваррумӣ, дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ (бахусус сатҳи таваррум) ва баҳодиҳии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ тавассути моделҳои эконометрикию макроиқтисодӣ дар ҷаласаҳои Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Амалиётҳои стерилизатсионӣ бо мақсади пешгирии омилҳои монетарии таваррумӣ ва омилҳои қурбӣ, алоқаманд намудани меъёри фоизи кӯтоҳмуддати қарзҳои байнибонкӣ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон, танзими пардохтпазирии низоми бонкии кишвар бо истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, аз ҷумла барориши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон, мудохилаҳои асъорӣ (фурӯши асъор) ва ҷалби пасандозҳои шабонарӯзӣ анҷом дода мешаванд.

Дар соли 2026 ва давраи миёнамуҳлат низ сиёсати қурбӣ ба реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” асос ёфта, қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дар асоси талабот ва пешниҳод дар бозори дохилии асъор ва намояи қурби самараноки воқеии он ҷиҳати пешгирии омилҳои манфии берунӣ муқаррар карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи реҷаи мазкур танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ метавонад ба бозори дохилии асъор дахолат намояд.

Лозим ба ёдоварист, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади гузариши ботадриҷ ба реҷаи муосири сиёсати пулию қарзӣ – ҳадафгирии таваррум дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, №175) як қаторислоҳоти муҳимро роҳандозӣ намуда, ба дастовардҳо ва натиҷаҳои назаррасе, ки ба рушди низоми пулию қарзӣ ва иқтисодиёти кишвар мусоидат мекунанд, ноил гардид.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ реҷаи ҳадафгирии таваррум яке аз реҷаҳои муосири пешбурди сиёсати пулию қарзӣ барои нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ ба ҳисоб меравад. Реҷаи мазкур бештар такмил ва истифодаи фишангҳои ғайримустақими монетариро дар назар дошта, кишварҳои татбиққунандаи он сиёсати пулию қарзиро, пеш аз ҳама, бо мақсади таъсир расондан ба меъёрҳои фоизии бозори пул ва тавассути он ба сатҳи талабот ва таваррум роҳандозӣ менамоянд.

Тибқи таснифоти ХБА реҷаи мазкур ба таври расмӣ эълон намудани ҳадафи рақамии таваррумро барои давраи миёнамуҳлат дар назар дошта, бонки марказӣ бояд тамоми имконияту тасмими институтсионалии худро барои ноил гардидан ба он равона созад.

Бояд қайд кард, ки то моҳи октябри соли 2025 аз рӯйи 7 принсипи асосии реҷаи ҳадафгирии таваррум қисми бештари онҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон иҷро гардид, аз ҷумла:

- таъсирбахшии сиёсати фоизӣ ва механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ **(иҷро гардида истодааст)**;
- таҳкими раванди таҳлилу тадқиқот ва таҳияи дурнамоҳо **(иҷро гардид)**;
- мустақилияти бонки марказӣ ва ҳамоҳангии сиёсати фискалӣ бо сиёсати пулию қарзӣ **(иҷро гардид)**;
- реҷаи сиёсати қурби асъори шинокунандаи танзимшаванда **(иҷро гардид)**;
- таъмини шаффофият ва раванди хуби ахборотдиҳӣ ба омма **(иҷро гардид)**;
- тасмимгирӣ ва эълон намудани ҳадафи рақамии таваррум **(иҷро гардид)**;
- дараҷаи устувории низоми молиявӣ **(иҷро гардид)**.

Ҳамчунин, Бонки миллии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки шуруъ аз соли 2026 ба пешбурди реҷаи ҳадафгирии таваррум гузарад ва ислоҳоти зарурии боқимондаро мунтазам амалӣ намояд.

Бо мақсади боз ҳам пурзӯр намудани механизми таъсирбахшии сиёсати фоизӣ, бартараф намудани мушкилоти дар он ҷойдошта ва татбиқи бомуваффақияти реҷаи ҳадафгирии таваррум, дар соли 2026 андешидани чораҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

- идома додани тақвияти эътимоди аҳолӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ ба фаъолияти низоми бонкии кишвар, бахусус Бонки миллии Тоҷикистон;
- оғози озмоиши фаъолияти Платформаи қарздиҳии байнибонкӣ ва пайваст (интегратсия) намудани он бо дигар низомҳои электронӣ;
- омӯзиши таҷрибаи бонкҳои марказӣ ва ҷалби кумаки техникӣ дар самти ҷорӣ намудани фишангҳои нави пулию қарзӣ ҷиҳати танзими сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии исломӣ;
- омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар бахши асъори рақамӣ (CBDC) ва гузаронидани тадқиқот оид ба имконияти ҷорӣ намудани сомонии рақамӣ;
- идомаи татбиқи ислоҳоти зарурӣ бо мақсади боз ҳам зиёд намудани таъсирбахшии усули (канали) фоизии механизми трансмиссионии сиёсати монетарӣ;
- идомаи раванди таҳкими сиёсати коммуникатсионии Бонки миллии Тоҷикистон дар самти татбиқи сиёсати монетарӣ, бахусус реҷаи ҳадафгирии таваррум;
- вобаста ба гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум зиёд намудани иқтидори воҳиди сохтории дахлдор, ки барои пешбурди сиёсати пулию қарзӣ масъул мебошад;
- идомаи ҳамкорӣ бо созмонҳои бонуфузи молиявии байналмилалӣ ҷиҳати ҷалби кумакҳои техникӣ дар самти рушди бозори пули ҷумҳурӣ, бозори байнибонкӣ, ҷорӣ намудани фишангҳои нави монетарӣ ва афзоиши таъсирбахшии механизми трансмиссионии сиёсати монетарӣ;
- таъмини ҳамоҳангии[4] фаъолияти вазорату идораҳои давлатӣ ҷиҳати пешгирӣ намудани омилҳои ғайримонетарии (омилҳои таклифотии) таваррум дар ҳолатҳои зиёд шудани фишорҳои таваррумӣ.

**Замимаи 1**

**НАҚШАИ БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАҲОИ КУМИТАИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2026**

Дар соли 2026 тибқи нақшаи тасдиқшудаи ҷаласаи Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ аз 29 октябри соли 2025, ҷаласаҳои Кумита барои муайян намудани меъёри бозтамвил 4 маротиба (бе назардошти ҷаласаҳои ғайринақшавӣ) гузаронда мешаванд:

| 29 январ | 30 апрел | 30 июл | 29 октябр |
|---|---|---|---|

Қарорҳои дар Кумита қабулгардида дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон то соати 17:00 (рӯзи баргузории ҷаласа) нашр карда мешаванд.

Қарорҳои қабулгардида ба натиҷаҳои дурнамои нишондиҳандаҳои асосӣ, ки дар доираи таҳлилҳои эмпирикӣ ва вазъи макроиқтисодии кишвар муайян гардидаанд, асос меёбанд.

4. Бояд қайд намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон танҳо имконияти бартараф ё пешгирӣ намудани омилҳои монетарии таваррумро (омилҳои талаботӣ) дошта, бартараф намудани омилҳои ғайримонетарии таваррум (омилҳои таклифотӣ) бошад, тибқи таҷрибаи дигар кишварҳо танҳо дар мавриди таъмини ҳамоҳангии фаъолияти вазорату идораҳои дахлдори кишвар, бахусус Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии зиддиинҳисорӣ, Агентии захираҳои моддӣ, Тоҷикматлубот ва Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир мебошад.

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД



## Раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо намояндагони БАТР масъалаҳои ҳамкории молиявиро баррасӣ намуд

3 октябри соли равон раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо ҳайати Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) таҳти роҳбарии директори бахши муассисаҳои молиявии БАТР оид ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва Туркия ҷаноби Георгий Орлов мулоқот анҷом дод.



Зимни вохӯрӣ раиси Бонки миллӣ меҳмонро бо вазъи макроиқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкии кишвар шинос намуда, таъкид кард, ки сарфи назар аз номуайянии иқтисодӣ дар минтақа, суботи низоми молиявии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои таҳкими ҳамкориҳо дар доираи лоиҳаҳои БАТР, аз ҷумла дастгирии соҳибкории хурду миёна, занони соҳибкор, ҷавонон, ташаббусҳои “иқтисоди сабз”, рушди бозорҳои сармоя ва такмили сиёсати пулию қарзӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳамчунин ҷонибҳо доир ба рушди бозори суғурта табодули назар намуда, қабули Стратегияи рушди низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025–2029-ро заминаи муҳим барои ислоҳоти соҳа арзёбӣ карданд.

Дар фарҷом ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати идомаи ҳамкориҳои судманд ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок изҳор намуданд.

## Тавсеаи ҳамкориҳо бо роҳбарияти БАТР дар самти ислоҳоти молиявӣ

7 октябри соли 2025 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо ноиби президенти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкорӣ ҷаноби Марк Боуман мулоқот баргузор намуд.

Дар вохӯрӣ инчунин муовини якуми раиси БМТ Фируз Шарифзода, директори минтақавии БАТР хонум Айтен Рустамова ва роҳбари намоян-

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД





дагии БАТР дар Тоҷикистон ҷаноби Холгер Вифел иштирок доштанд.

Раиси Бонки миллӣ ба БАТР барои дастгирии доимӣ изҳори миннатдорӣ намуда, таъкид кард, ки ҳамкории бисёрсола ба татбиқи ислоҳоти муҳимми сиёсати пулию қарзӣ, гузариш ба ҳадафгирии таваррум, таҳкими назорати бонкӣ ва рушди маблағгузории сабз мусоидат намудааст.

Ҷаноби Марк Боуман низ аз натиҷаҳои ҳамкории судманд изҳори қаноатмандӣ намуда, иброз дошт, ки БАТР минбаъд низ Тоҷикистонро дар татбиқи ислоҳоти фарогир дастгирӣ хоҳад кард.



## Ҳамкории Бонки миллӣ бо SECO дар тақвияти бахши молиявӣ идома меёбад



1 декабри соли равон раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо ҳайати Дафтари ҳамкории иқтисодии Конфедератсияи Швейтсария (SECO) тахти роҳбарии Дениз Люти ва Роналд Гиндрат мулоқот анҷом дод.

Зимни вохӯрӣ таъкид гардид, ки низоми молиявии кишвар дар солҳои охир ба марҳилаи

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД



рушди устувор ворид гардида, хизматрасониҳои рақамӣ, фарогирии молиявӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ афзоиш ёфтааст.

Ҷонибҳо саҳми лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ “Тақвияти бахши молиявӣ дар Тоҷикистон” (марҳилаи II)-ро, ки бо дастгирии SECO амалӣ мегардад, дар татбиқи стандартҳои Basel II–III ва таҳкими назорати хавфҳо муҳим арзёбӣ намуданд.

Дар идома ҷаласаи Кумитаи ҳамоҳангсозии техникии лоиҳа таҳти роҳбарии муовини раиси БМТ Далер Муродализода баргузор гардида, масъалаҳои такмили назорати бонкӣ ва рушди бозори молиявӣ баррасӣ шуданд.

## “Dushanbe Invest–2025”: технологияҳои молиявӣ ҳамчун муҳаррики рушди сармоягузорӣ






15 октябри соли 2025 дар доираи Форуми байналмилалии сармоягузории “Dushanbe Invest–2025” бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи панелӣ таҳти мавзуи

“Технологияҳои молиявӣ ва навовариҳо — муҳаррики сармоягузорӣ ба оянда” баргузор гардид.

Ҷаласа таҳти роҳбарии муовини раиси БМТ Сироҷиддин Икромӣ бо иштироки сармоягузорон, соҳибкорони дохилию хориҷӣ ва намояндагони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ доир шуд.

Зимни суханронӣ таъкид гардид, ки рушди финтех, рақамикунонии низоми пардохт, истифодаи open banking, амнияти киберӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявӣ аз самтҳои калидии сиёсати молиявии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Иштирокдорон зарурати тақвияти ҳамкории давлат, бахши хусусӣ ва шарикони рушдро ҷиҳати рушди устувори бозори молиявӣ ва ҷалби сармоягузории бештар таъкид карданд.

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД



# Натиҷаҳои татбиқи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар ҷаласаи Шуро баррасӣ гардид

21 ноябри соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шурои ҳамоҳангсозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Дар ҷаласа аъзои Шуро, роҳбарони вазорату идораҳо, намояндагони гурӯҳҳои корӣ ва дигар масъулони татбиқи Стратегия иштирок намуданд.

Ҷаласаро раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад, ки ҳамзамон раиси Шурои ҳамоҳангсоз мебошад, ифтитоҳ намуда, рӯзномаи ҷаласаро ба ҳозирин муаррифӣ кард.

Зимни суханронӣ Толибзода Ф.Н. таъкид намуд, ки дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, фарогирии молиявӣ ҳамчун омили муҳимми дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати молиявӣ аҳаммияти хосса дорад. Ба гуфтаи ӯ, ин раванд ба рушди устувори низоми бонкӣ, таҳкими бахши хусусӣ, беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Бо мақсади густариши дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ, дар кишвар як қатор заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва ҷорӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, васеъ намудани инфрасохтори хизматрасонӣ, мушаххаскунии фосилавии муштариён, татбиқи механизми бонкдорӣ тавассути интерфейси кушодаи барномавӣ, ҳамгироии кортҳои пардохтӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва истифодаи QR-рамзи ягона аз ҷумлаи тадбирҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

Зикр гардид, ки то имрӯз ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои муштариён зиёда аз 16 миллион суратҳисоби бонкӣ кушодаанд, ки нисбат ба соли гузашта 19,7 фоиз зиёд мебошад. Ҳамчунин, шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ ба 9,6 миллион расида, нисбат ба соли 2024 20 фоиз афзудааст. Шумораи ҳамёнҳои электронӣ бошад, ба 16,7 миллион расида, нисбат ба соли гузашта 48,5 фоиз зиёд шудааст.



Сипас роҳбари Кумитаи иҷроияи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ Мамадалиев Ф.С. оид ба ҷараёни татбиқи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия дар соли 2024 ва нуҳ моҳи соли 2025 ҳисобот пешниҳод намуд.

Тибқи маълумоти ӯ, дар давраи зикршуда аз 67 банди нақша 51 банд (76 фоиз) пурра иҷро гардида, 16 банд (24 фоиз) дар марҳилаи иҷро қарор доранд. Дар маҷмӯъ, дар самтҳои дастрасӣ, истифода ва сифати хизматрасониҳои молиявӣ нишондиҳандаҳои назаррас ба даст омадаанд.

Дар идома аъзои дигари Шуро вобаста ба самтҳои дахлдори нақша маълумоти муфассал пешниҳод намуда, барои иҷрои босамари тадбирҳои минбаъда дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Ҷаласа бо таъкид ба аҳаммияти идомаи корҳо ҷиҳати рушди фарогирии молиявӣ ва густариши имкониятҳои дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурӣ ҷамъбаст гардид.

**"БТҶ",**
**www.nbt.tj**



# FIRDAVS TOLIBZODA

***Tajikistan is experiencing a dynamic transformation in its financial sector, marked by increased foreign capital, strengthened regulation, and a growing focus on green and inclusive finance. With solid macroeconomic fundamentals and strong performance indicators, the country is emerging as an attractive destination for international investors.***

CHAIRMAN

## NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN

**TAJIKISTAN HAS SEEN A REMARKABLE SURGE IN FOREIGN CAPITAL IN RECENT YEARS, ESPECIALLY IN THE BANKING SECTOR. WHAT LEGAL GUARANTEES AND STRUCTURAL REFORMS ARE IN PLACE TO ATTRACT AND PROTECT FOREIGN INVESTORS?**

Tajikistan has made consistent strides in building a competitive, secure, and transparent investment climate—particularly in the financial sector. At the core of this effort is the Investment Law, which, under Article 7, guarantees the equal rights of foreign and domestic investors. It also offers a critical safeguard against expropriation by explicitly prohibiting the nationalization of foreign-owned assets.

The National Bank of Tajikistan has implemented reforms that make it easier for international investors to enter the banking market. Licensing procedures are clearly defined and time-bound—applications for new banking licenses are processed within a maximum of three months. The minimum charter capital for new banks is set at 80 million somoni (approximately $7.3 million), which is among the lowest thresholds in the region. These factors position Tajikistan as one of the more accessible and agile markets for financial services investment.

As of the end of 2024, the country's banking landscape included 65 licensed financial institutions: 15 traditional banks,

**_BIOGRAPHY** HE OVERSEES THE COUNTRY'S MONETARY POLICY, FINANCIAL SECTOR REGULATION, AND BANKING SYSTEM DEVELOPMENT. WITH A STRONG BACKGROUND IN ECONOMICS AND PUBLIC ADMINISTRATION, HE HAS LED CRITICAL REFORMS TO ENHANCE FINANCIAL STABILITY, IMPROVE TRANSPARENCY, AND EXPAND ACCESS TO FINANCE. UNDER HIS LEADERSHIP, THE NATIONAL BANK HAS ADVANCED GREEN FINANCE, ISLAMIC BANKING, AND INTERNATIONAL COOPERATION, REINFORCING TAJIKISTAN'S POSITION.

one Islamic bank, one non-bank financial institution, 22 micro-credit deposit organizations, three micro-credit institutions, and 23 small credit funds. Among these, 13 institutions operate with full or partial foreign capital, originating from jurisdictions such as the United States, Switzerland, Germany, Iran, Singapore, the Netherlands, China, Japan, and others. The increase in foreign equity participation—from 8% in 2019 to 28% by end-2024—signals a growing trust in the regulatory environment and reflects the government's proactive investor engagement strategy.




## COULD YOU SHARE SOME INSIGHTS ON THE FINANCIAL HEALTH AND PERFORMANCE OF TAJIKISTAN'S BANKING SECTOR IN 2024?

The sector's performance in 2024 was exceptionally strong, marking a new chapter of growth, resilience, and profitability. Total foreign investment into financial institutions reached $5.1 billion—a 77% rise compared to 2023. This increase was largely driven by deposits and credit lines from non-residents, indicating renewed international confidence in the Tajik banking system.

Net income across the sector hit 1.25 billion somoni, up 24.6% year-on-year. Financial performance ratios are also solid: the Return on Assets (ROA) stood at 2.6%, and Return on Equity (ROE) reached 13.9%, indicating that the sector is not only profitable but well-managed.

> ***"TAJIKISTAN'S FINANCIAL SECTOR IS ENTERING A NEW ERA OF STABILITY, GROWTH, AND TRANSPARENCY. THROUGH TARGETED REFORMS, ROBUST VERSIGHT, AND STRATEGIC GLOBAL PARTNERSHIPS, WE ARE BUILDING A RESILIENT BANKING ECOSYSTEM THAT ATTRACTS LONG-TERM INVESTMENT AND SUPPORTS SUSTAINABLE DEVELOPMENT ACROSS THE ECONOMY."***

Moreover, the capital adequacy ratio—a key indicator of financial system strength—averaged 21.8% across institutions, significantly exceeding the regulatory minimum of 12%. Liquidity indicators were similarly strong, with the current liquidity ratio reaching 78.3%, almost 2.5 times higher than the required threshold. These figures underscore the banking sector's preparedness to absorb potential shocks while supporting economic growth.

Importantly, non-performing loans (NPLs) have declined significantly. At the end of 2024, NPLs accounted for only 7.1% of total loans, down from 12.5% in recent years and 46.8% in 2016. This improvement reflects stricter credit underwriting standards, enhanced supervision, and the growing maturity of Tajikistan's financial institutions.

## WHAT STRATEGIC STEPS HAS THE NATIONAL BANK TAKEN TO SUPPORT GREEN FINANCING AND SUSTAINABLE DEVELOPMENT?

The National Bank of Tajikistan is fully aligned with the country's green transition goals as outlined in the National Strategy for the Development of a Green Economy (2023–2037) and inter-

national frameworks like the Paris Agreement. We recognize that the financial sector must be a key enabler of climate-smart and sustainable investments.

To this end, we are facilitating green financing through policy frameworks and capacity building. Tajik financial institutions are collaborating with global partners such as the EBRD, IFC, and ADB to attract funding for renewable energy, sustainable agriculture, and resilient infrastructure. We are also supporting the creation of new green financial instruments, including green credit lines and project-specific guarantees.

In addition, the expansion of Islamic banking has supported ethical investment. As of December 2024, the country hosts one full Islamic bank and three Islamic windows, which have collectively mobilized over 138 million somoni in deposits and financing. This model is gaining popularity among investors seeking alignment with both sustainability and ethical principles.

### WHAT EFFORTS ARE BEING MADE TO IMPROVE TRANSPARENCY, DEPOSIT INSURANCE, AND ASSET LEGALIZATION TO STRENGTHEN THE FINANCIAL ECOSYSTEM?

Strengthening transparency and depositor confidence has been central to our regulatory mission. The National Bank publishes detailed data on ownership structures, capital flows, and financial health indicators for every licensed financial institution. This is part of a broader effort to bring Tajikistan's supervisory framework in line with international best practices.

We have also expanded the country's deposit insurance scheme. As of March 2023, legislative amendments increased the insured limit to 35,000 somoni and broadened the scope of eligible depositors to include sole proprietors, micro-enterprises, and non-profit organizations. These changes significantly boost public trust in the financial system, particularly among small savers and entrepreneurs.

Another important development has been the extension of the Law on the Legalization of Assets and Funds. Originally adopted to encourage repatriation and formalization of domestic wealth, this policy has already resulted in over 8 billion somoni being injected into the formal financial system. The extended deadline now runs through 2026, offering more citizens and businesses the opportunity to declare their assets and participate in the nation's growth story.

Taken together, these reforms are creating a safer, more open, and more competitive financial sector—one that not only fuels domestic development but also attracts sustained interest from global investors.






# ХБА:

**ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2025 ФАЪОЛИЯТИ МУСБАТ НИШОН ДОДААСТ. ТИБҚИ МАЪЛУМОТ, РУШДИ ВОҚЕИИ ММД ДАР СЕ ЧОРЯКИ АВВАЛИ СОЛИ 2025 БА 8,2 ФОИЗ РАСИДА, САТҲИ ТАВАРРУМ ДАР МОҲИ СЕНТЯБР ДАР ҲУДУДИ 2,8 ФОИЗ НИГОҲ ДОШТА ШУДААСТ.**






# ХБА баррасии сеюм ва ниҳоии Барномаи PCI-и Тоҷикистонро анҷом дод

Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) 18 декабри соли 2025 баррасии сеюм ва ниҳоии Барномаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар доираи “Фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат” (Policy Coordination Instrument - PCI) анҷом дода, арзёбии кормандони худро тасдиқ намуд.

Барномаи 22-моҳаи Тоҷикистон дар доираи PCI моҳи феврали соли 2024 қабул гардида, ҳадафи он таҳкими сиёсати макроиқтисодӣ, нигоҳдории суботи молиявӣ ва дастгирии татбиқи ислоҳоти сохторӣ барои рушди устувор ва фарогир мебошад. Татбиқи барнома дар маҷмуъ мувофиқи нақша ҷараён дошта, аксари нишондиҳандаҳои миқдорӣ дар баррасии сеюм иҷро шудаанд.

ХБА қайд намуд, ки иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2025 фаъолияти мусбат нишон додааст. Тибқи маълумот, рушди воқеии ММД дар се чоряки аввали соли 2025 ба 8,2 фоиз расида, сатҳи таваррум дар моҳи сентябр дар ҳудуди 2,8 фоиз нигоҳ дошта шудааст.

Ҳамчунин, мавқеи берунаи кишвар аз ҳисоби воридоти баланди маблағҳои муҳоҷирон беҳтар гардида, ин омил афзоиши изофаи ҳисоби ҷориро дар нимаи аввали соли 2025 таъмин намудааст. Захираҳои байналмилалӣ бошад, то сатҳи тақрибан ҳашт моҳи воридот расидаанд.

Дар самти сиёсати фискалӣ нишондиҳандаҳо аз ҳадафҳои барнома беҳтар иҷро шуда, ҷамъоварии хуби даромадҳо ба коҳиш ёфтани қарзи давлатӣ мусоидат намудааст.

ХБА дурнамои наздикро мусбат арзёбӣ намуда, пешбинӣ мекунад, ки рушди иқтисодӣ дар соли 2026 дар сатҳи 6 фоиз қарор гирад, дар ҳоле ки таваррум дар доираи ҳадафи Бонки миллӣ нигоҳ дошта мешавад.

Бо вуҷуди ин, таъкид гардид, ки иқтисоди Тоҷикистон ба тағйироти шароити беруна, аз ҷумла сустшавии рушди иқтисодӣ дар кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳассос боқӣ мемонад.

Дар арзёбии ХБА зикр шудааст, ки бартараф намудани монеаҳои сохторӣ барои рушди босубот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Барои таҳкими суботи молиявӣ зарур аст, ки назорати бонкӣ тақвият ёфта, истифодаи васеи абзорҳои макропруденсиалӣ ҷорӣ карда шавад.

Сиёсати фискалӣ бояд ба сафарбарсозии даромадҳо, баланд бардоштани самаранокии хароҷот ва фароҳам овардани имконият барои маблағгузории бахшҳои иҷтимоӣ ва рушд равона гардад.

Ҳамчунин, идомаи ислоҳот дар самти шаффофият, назорати фаъолияти корхонаҳои давлатӣ ва мубориза бо коррупсия барои нигоҳ доштани рушди фарогир муҳим арзёбӣ шуд.

Анҷоми муваффақонаи баррасии сеюм ҳамчун марҳилаи ниҳоии барномаи PCI барои Тоҷикистон арзёбӣ гардида, барои таҳкими ҳамкории минбаъда бо ХБА ва ҷалби сармоягузорони байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

## Иштироки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои солонаи ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ: густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва пуштибонии ислоҳоти иқтисодӣ






Дар нимаи дуюми моҳи октябри соли 2025 ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким бо иштироки раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, вазири молия, намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) ва Бонки Ҷаҳонӣ ва дигар шахсони масъул дар ҷаласаҳои солонаи ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, ки дар шаҳри Вашингтон баргузор гардиданд, иштирок намуд.

Иштироки ҳайат ба таҳкими муколамаи сиёсӣ бо институтҳои байналмилалии молиявӣ, баррасии раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва молиявӣ дар кишвар, ҷалби дастгирии молиявию техникӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба равона гардида буд.

### Мулоқот бо роҳбарияти Хазинаи Байналмилалии Асъор

13 октябри соли 2025 ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Директори ХБА хонум Кристалина Георгиева мулоқот анҷом дод. Дар мулоқот сатҳи баланди ҳамкории Тоҷикистон бо ХБА, натиҷаҳои татбиқи Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (PCI) ва устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҷонибҳо ба масъалаҳои идомаи ислоҳоти иқтисодӣ, таҳкими иқтидори институтсионалӣ, рушди технологияҳои рақамӣ, ҷалби мутахассисони ҷавон ба барномаҳои омӯзишии ХБА ва имкониятҳои васеъ намудани дастгирии молиявию машваратӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Роҳбарияти ХБА омодагии худро ҷиҳати идомаи ҳамкорӣ ва пуштибонии ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон таъкид кард.

### Густариши ҳамкорӣ бо Бонки Исломии Рушд

15 октябр мулоқоти муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Президенти Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд доктор Муҳаммад Сулаймон Ал Ҷассер баргузор гардид. Дар вохӯрӣ саҳми Бонки Исломии Рушд дар рушди





иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон баланд арзёбӣ шуда, масъалаҳои густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, сайёҳӣ ва бахши бонкдорӣ баррасӣ гардиданд.

Таваҷҷуҳи махсус ба рушди бонкдории исломӣ, иқтисоди сабз, рақамикунонӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ зоҳир гардида, ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати идомаи ҳамкории амалӣ изҳор намуданд.



## Мулоқотҳо бо роҳбарони ХБА ва сохторҳои Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ





Дар доираи ҷаласаҳо ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мулоқотҳои муҳим бо роҳбарони ХБА ва ниҳодҳои вобаста ба Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, аз ҷумла бо муовини директори иҷроияи ХБА Бо Ли, директори минтақавии ХБА Ҷиҳод Азур, ноиби президенти IFC Рикардо Пулити анҷом дод.

Дар мулоқотҳо раванди иҷрои барномаи PCI, ислоҳоти сиёсати пулию қарзӣ, рушди бозори асъор, таҳкими назорати бонкӣ, тавсеаи фарогирии молиявӣ, рушди молияҳои сабз ва дастгирии соҳибкории хурду миёна, бахусус занони соҳибкор, мавриди муҳокима қарор гирифтанд.





## Муколама бо Бонки Ҷаҳонӣ ва рушди ҳамкории стратегӣ

16 октябри соли 2025 мулоқоти ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ноиби президенти Бонки Ҷаҳонӣ оид ба кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Антонелла Бассани баргузор шуд. Дар мулоқот масъалаҳои вазъи макроиқтисодӣ, ислоҳоти молияи давлатӣ, рушди энергетика, аз ҷумла татбиқи лоиҳаи НБО "Роғун", иқтисоди сабз, рақамисозӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баррасӣ гардиданд.

Зикр шуд, ки афзоиши воқеии ММД дар моҳҳои январ–августи соли 2025 ба 8,2 фоиз расида, нишондиҳандаи рушди устувори иқтисоди кишвар мебошад. Ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати таҳкими ҳамкорӣ дар доираи Стратегияи нави ҳамкорӣ барои солҳои 2026–2031 баён намуданд.

## Ҳамкории бонкҳои марказӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ



Дар ҳошияи ҷаласаҳо раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо раиси Бонки миллии Швейтсария Мартин Шлегел мулоқот анҷом дод. Дар воҳӯрӣ масъалаҳои сиёсати пулӣ, идоракунии хавфҳо, устувории молиявӣ, пардохтҳои байналмилалӣ, молияи сабз ва рушди иқтидори кадрӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Таъкид шуд, ки ҳамкории дуҷониба беш аз 25 сол идома дошта, барои таҳкими иқтидори институтсионалии Бонки миллии Тоҷикистон саҳми муҳим гузоштааст.

## Иштирок дар ҷаласаҳои гурӯҳӣ ва муҳокимаи масъалаҳои глобалӣ

Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин дар ҷаласаҳои гурӯҳии кишварҳои узви ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ иштирок намуда, масъалаҳои суботи иқтисодӣ, сиёсати пулию қарзӣ дар шароити номуайянии ҷаҳонӣ, тағйирёбии иқлим, рушди иқтисоди сабз ва рақамисозии иқтисодиётро мавриди баррасӣ қарор дод.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар суханрониҳои худ ба аҳаммияти таҳкими захираҳои байналмилалӣ, такмили идоракунии қарз, гузариш ба ҳадафмандии таваррум ва густариши фарогирии молиявӣ таъкид намуд.

Иштироки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои солонаи ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ бозгӯи мавқеи фаъол ва созандаи кишвар дар низоми молиявии байналмилалӣ мебошад. Мулоқотҳо ва музокироти баргузоршуда бароি таҳкими эътимоди шарикони рушд, ҷалби захираҳои молиявию техникӣ ва идомаи ислоҳоти иқтисодии кишвар заминаи мусоид фароҳам оварданд.



## Вохӯрии роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор



Аз 28 октябр то 5 ноябри соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон мулоқоту музокироти роҳбарияти Бонки миллӣ бо ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) дар доираи баррасии сеюми татбиқи Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (PCI) баргузор гардид.

Ҳадафи асосии музокирот арзёбии натиҷаҳои татбиқи барнома, баррасии дурнамои иқтисодиву молиявии кишвар ва таҳкими ҳамкориҳои минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ХБА дар самти таъмини суботи макроиқтисодӣ ва рушди устувор буд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода зимни мулоқотҳо иброз намуд, ки Бонки миллӣ сиёсати пулию қарзиро ба таъмини суботи нархҳо, устувории низоми молиявӣ ва таҳкими эътимод ба пули миллӣ равона намуда, иҷрои пайгиронаи барномаи PCI-ро бо дарназардошти ислоҳоти афзалиятнок идома медиҳад. Таъкид гардид, ки тадбирҳо дар самти такмили сиёсати пулию қарзӣ, идораи самараноки захираҳои байналмилалӣ, рушди бозори асъор, идораи пардохтпазирӣ, пешгирии фишорҳои таваррумӣ ва рақамикунонии низоми молиявӣ амалӣ мегарданд.

Дар вохӯрии ҷамъбастӣ натиҷаҳои миссияи ХБА мавриди муҳокима қарор гирифта, таъкид шуд, ки нишондиҳандаҳои миқдорӣ

ва ҳадафҳои асосии шарҳи сеюми барнома дар маҷмуъ ба даст оварда шудаанд ва сиёсати иқтисодӣ самаранокии худро дар нигоҳдории тавозуни дар доираи мақсаднок нишон медиҳад.

Роҳбари ҳайати ХБА Мэтю Гартнер тамоюли мусбати рушди иқтисодӣ ва дурнамои устувори иқтисодиёти Тоҷикистонро қайд намуда, омодагии ХБА-ро барои идомаи ҳамкории машваратӣ изҳор дошт.

Дар анҷом ҷонибҳо аҳаммияти татбиқи пайгиронаи ислоҳоти сохторӣ ва идомаи муколамаи созандаро ҷиҳати таҳкими суботи молиявӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди устувор ва фарогири иқтисодиёти кишвар таъкид намуданд.




## Форуми байналмилалии “Digital Tajikistan”: марҳилаи нави рушди иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон

13 октябри соли 2025 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии “ПЛАСС-Форум Digital Tajikistan” баргузор гардид, ки яке аз рӯйдодҳои муҳимми сатҳи байналмилалӣ дар самти рушди иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Чорабинӣ бо дастгирии Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда, беш аз 1000 нафар намояндагони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ширкатҳои пешсафи технологӣ ва коршиносони соҳа аз кишварҳои гуногуни ҷаҳонро ҷамъ овард.

Форум ҳамчун платформаи муҳимми ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи рақамикунонӣ хизмат намуда, масъалаҳои калидӣ вобаста ба рушди иқтисоди рақамӣ, гузариши хизматрасониҳои давлатӣ ба форматҳои электронӣ, густариши хизматрасониҳои молиявӣ ва таҳкими инфрасохтори пардохт мавриди баррасии амиқ қарор гирифтанд.

Дар чорабинӣ муовини якуми директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ Ҳаким Исмоилзод, сардори Хадамоти алоқа Исфандиёри Саъдулло, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ, ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон Парвати Рамасвами, директори иҷроияи Шурои тиҷоратии Амрико ва Тоҷикистон Елена В. Сон-ЛаРокко ва намояндагони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ширкатҳои байналмилалӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ дар суханронии худ таъкид кард, ки имрӯз рақамикунонӣ танҳо як раванд ё воситаи технологӣ нест, балки ба пояи устувории иқтисодӣ, шаффофияти молиявӣ ва самаранокии идоракунии давлатӣ табдил ёфтааст.

Ӯ зикр намуд, ки бахши молиявӣ дар ин раванд нақши марказӣ дошта, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун танзимгари низоми бонкӣ дар солҳои охир ҷиҳати рушди инфрасохтори пардохт, такмили қонунгузорӣ ва татбиқи технологияҳои муосир тадбирҳои пайгирона амалӣ менамояд.

Дар ҳамин замина, қабули Стратегияи рушди низоми




пардохт барои солҳои 2015–2025 ва Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ барои солҳои 2022–2026 ҳамчун асоси сиёсати молиявии кишвар арзёбӣ гардиданд.

Яке аз нуқтаҳои муҳимми баррасишуда қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” мебошад.

Тибқи ин санад, тамоми пардохтҳои давлатӣ ва хизматрасониҳои музднок бояд танҳо тариқи ғайринақдӣ анҷом дода шаванд. Ин иқдом Тоҷикистонро ба марҳилаи нави рушди иқтисоди шаффоф ва рақамӣ ворид намуда, заминаи коҳиши иқтисоди ғайрирасмӣ ва баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба низоми молиявиро фароҳам меорад.

Дар панелҳои форум иштирокчиён доир ба рушди низоми миллии пардохт, татбиқи зеҳни сунъӣ дар бозори молиявии Осиёи Марказӣ, ояндаи хизматрасониҳои бонкӣ ва FinTech, таҳкими амнияти киберӣ дар бахши молиявӣ, рушди тиҷорати электронӣ ва логистикаи рақамӣ, гузариши рақамӣ дар бахши давлатӣ (таҷрибаи Ӯзбекистон ва Россия), нақши технологияҳои рақамӣ дар иқтисоди сабз ва самаранокии энергетикӣ мубодилаи афкор анҷом доданд:

Мутахассисон таъкид намуданд, ки рушди иқтисоди рақамӣ на танҳо масъалаи технологӣ, балки омили муҳимми рақобатпазирии давлат дар бозори ҷаҳонӣ мебошад.

Қобили қайд аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир дар самти рақамикунонӣ, аз ҷумла рушди ҳукумати электронӣ, таъсиси низоми пардохти миллӣ ва татбиқи технологияҳои молиявӣ пешравиҳои назаррас ба даст овардааст.

Баргузории чунин форумҳо имконият медиҳад, ки таҷрибаи байналмилалӣ омӯхта шуда, шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ, рушди стартапҳо ва таҳкими инфрасохтори рақамии кишвар фароҳам гардад.

Форуми “Digital Tajikistan” ҳамчун як рӯйдоди муҳим нишон дод, ки Тоҷикистон қадамҳои устувор ба сӯйи иқтисоди рақамии муосир, бехатар ва фарогир мегузорад.

## Баррасии тавсеаи ҳамкории байналмилалӣ дар самти молияи фарогир, роҳбарии занон ва молияи сабз дар Люксембург

Рӯзҳои 24–25 ноябри соли 2025 муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ дар як қатор чорабиниҳои сатҳи баланд, аз ҷумла мизи мудаввари байналмилалӣ таҳти унвони “Муколамаи глобалӣ оид ба роҳбарии занон ва маблағгузории фарогири гендерӣ” ва ҷаласаи пӯшида оид ба устуворӣ, сафарбаркунии захираҳои AFI ва рӯзномаи глобалии молияи сабзи фарогир, ки дар идораи марказии Бонки сармоягузории Аврупо (EIB) ва Дафтари аврупоии намояндагии Алянс барои фарогирии молиявӣ (AFI) дар шаҳри Люксембург баргузор гардиданд, иштирок намуд.

Иштироки ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон дар ин ҳамоишҳо дар доираи сиёсати фаъолонаи кишвар ҷиҳати тавсеаи ҳамкории байналмилалӣ, омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ва пешбурди рӯзномаи фарогирии молиявӣ, баробарии гендерӣ ва молияи сабз сурат гирифта, аҳаммияти хоссаи стратегӣ дорад.



### Муколамаи глобалӣ оид ба роҳбарии занон ва молияи фарогири гендерӣ

Дар рӯзи аввали ҳамоиш мизи мудаввари сатҳи баланд роҳбарон ва намояндагони бахшҳои давлатӣ ва хусусии кишварҳои гуногунро ба ҳам овард. Ҳадафи асосии чорабинӣ баррасии равишҳои самаранок и сиёсати давлатӣ ва бозорӣ барои густариши фарогирии молиявии занон, пешбурди роҳбарии занон дар бахши молиявӣ, таҳкими тавонмандии иқтисодии занон ва рушди гуногунии институтсионалӣ дар низоми молиявӣ буд.

Зимни суханронии худ муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ таъкид намуд, ки масъалаи роҳбарии занон ва фарогирии гендерӣ имрӯз яке аз мавзуъҳои муҳимми рушди устувори иқтисодӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ба гуфтаи ӯ, тибқи таҳқиқоти The Official Monetary and Financial Institutions Forum (OMFIF), айни замон занон танҳо тақрибан 16 фоизи мансабҳои роҳбарикунандаро дар бахши молиявии ҷаҳонӣ ишғол мекунанд, ки ин нишондиҳанда мавҷудияти монеаҳои сохториро дар роҳи истифодаи пурраи неруи занон бозгӯ менамояд.

Ҳамзамон, таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои роҳбарикунандаи дорои гуногунрангии гендерӣ дорои устувории бештар, қабули қарорҳои мутавозин ва натиҷаҳои беҳтари молиявӣ мебошанд. Ин гуногунрангӣ ба ташаккули равишҳои ҳамаҷониба дар самти танзим, идоракунии хавфҳо ва ҷорӣ намудани навовариҳо мусоидат менамояд.

### Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии занон

Дар суханронӣ зикр гардид, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсеаи имкониятҳои иқтисодии занон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ин мавқеъ дар як қатор санадҳои муҳимми стратегӣ, аз ҷумла:

- Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026,
- Барномаи давлатии рушди занон,
- Стратегияи рушди маориф ва дигар ҳуҷҷатҳои давлатӣ инъикос ёфтааст.

Бонки миллии Тоҷикистон низ рӯзномаи гендериро ба таври фаъол ба банақшагирии стратегӣ ва чораҳои танзимии худ ворид намудааст. Дар натиҷаи тадбирҳои пайгирона, имрӯз нақши занон дар низоми бонкии кишвар мунтазам афзоиш меёбад. Тибқи маълумоти 9 моҳи соли 2025, дар низоми бонкии Тоҷикистон 21 985 нафар корманд фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 9 008 нафар занон мебошанд. Ҳиссаи занон дар низоми бонкӣ ба 41 фоиз, ва ҳиссаи занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда ба 19,4 фоиз расидааст. Дар муқоиса бо соли 2019, ин нишондиҳандаҳо мутаносибан қариб 6 ва зиёда аз 2 банди фоизӣ афзоиш ёфтаанд.

### Фарогирии молиявӣ ва иштироки фаъолонаи занон

Дар идома зикр шуд, ки занон дар Тоҷикистон ҳарчи бештар аз хизматрасониҳои молиявӣ, бахусус хизматрасониҳои рақамӣ, истифода мебаранд. То 31 октябри соли 2025 дар муомилот 10,1 миллион кортҳои пардохтӣ қарор доранд, ки ҳиссаи занон дар байни дорандагони онҳо 44,8 фоизро ташкил медиҳад. Теъдоди ҳамёнҳои электронии фаъол ба 17 миллион расида, қариб 48 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар бахши пасандозҳо низ иштироки занон рӯ ба рушд дорад. Ҳаҷми умумии пасандозҳо ба 30,8 млрд сомонӣ расида, аз он 5,9 млрд сомонӣ ба занон тааллуқ дорад. Ин нишондиҳандаҳо аз рушди фарҳанги пасандоз, банақшагирии молиявӣ ва иштироки фаъолонаи занон дар иқтисодиёт шаҳодат

медиҳанд.

Ҳамзамон, фаъолияти соҳибкории занон низ густариш меёбад. Дар бахши микрокредитонӣ, то 9 моҳи соли 2025 35,5 фоизи ҳаҷми умумии микрокредитҳо ба занон рост омада, зиёда аз 1,09 миллион нафар занон ҳамчун қарзгиранда фаъолият доранд.

### Молияи сабз ва устувории молиявӣ

Дар ҷаласаи пӯшидаи рӯзи 25 ноябр масъалаҳои молияи сабз, устуворӣ ва сафарбаркунии захираҳои AFI мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Гулбаҳор Назирӣ таъкид намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди иқтисоди сабзро ҳамчун роҳи муҳимми муосирсозии иқтисод, ҷалби сармоя ва таҳкими амнияти энергетикӣ арзёбӣ менамояд.

Дар ин замина, Бонки миллии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххасро амалӣ кардааст, аз ҷумла:

- ворид намудани омилҳои иқлимӣ ба низоми танзим ва назорати молиявӣ;
- таҳияи Дастурамали маҳсулоти молиявии сабз;
- таъсиси гурӯҳи кории молиякунонии сабз;
- ба имзо расонидани Ёддошти тафоҳум бо Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд (ЕБРР).

Дар ҳошияи чорабинӣ муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо вазири молияи Люксембург Гиллес Рот, мудири асосии иҷроияи AFI Алфред Ханниг ва роҳбарони як қатор бонкҳои марказии кишварҳои узви AFI мулоқотҳои корӣ анҷом дод. Дар мулоқотҳо масъалаҳои тавсеаи ҳамкории дуҷониба, ҷалби шарикони рушд ва дастгирии татбиқи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026 мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Иштироки Бонки миллии Тоҷикистон дар чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалӣ дар шаҳри Люксембург гувоҳи мавқеи фаъол ва боз будани кишвар дар рӯзномаи ҷаҳонии молияи фарогир, роҳбарии занон ва молияи сабз мебошад. Ин ҳамоишҳо барои муаррифии таҷрибаи миллӣ, омӯзиши амалияи пешсаф ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, ба рушди устувори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.



## Форуми “Asia Small and Medium-Sized Enterprise Monitor 2025”: Тоҷикистон таҷрибаи худро дар дастгирии соҳибкории хурду миёна муаррифӣ кард

12 ноябри соли 2025 муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Далер Муродализода дар Форуми минтақавии “Asia Small and Medium-Sized Enterprise Monitor 2025”, ки бо ташаббуси Бонки Осиёии Рушд (БОР) дар шаҳри Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон баргузор гардид, иштирок намуд.

Форуми мазкур ҳамчун як чорабинии муҳимми байналмилалӣ дар самти рушди соҳибкории хурду миёна ва таҳкими сиёсати молиявию савдо дар кишварҳои минтақа доир гардида, намояндагони бонкҳои марказӣ, ниҳодҳои танзимкунанда, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва коршиносони соҳаи иқтисодро ба ҳам овард.

Дар ҷараёни форум масъалаҳои маблағгузории соҳибкории хурду миёна, дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ, рушди механизмҳои муосири дастгирии молиявӣ ва имкониятҳои рушди устувори ин бахш дар кишварҳои Осиё мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Иштирокдорон таъкид намуданд, ки соҳибкории хурду миёна яке аз бахшҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ буда, дар ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши истеҳсолот, рушди содирот ва баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолӣ нақши назаррас дорад. Аз ин рӯ, таҳкими заминаҳои молиявӣ ва ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорон ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ арзёбӣ гардид.




Яке аз мавзуъҳои муҳимми ҳамоиш баррасии хавфҳои нав дар бозорҳои молиявӣ дар шароити шиддат гирифтани танишҳои геосиёсӣ ва таъсири онҳо ба маблағгузории соҳибкории хурду миёна буд.

Дар суханрониҳо зикр гардид, ки ноустувории иқтисоди ҷаҳонӣ, тағйирёбии нархҳо дар бозорҳои байналмилалӣ, маҳдудшавии сармоягузорӣ ва таҳаввулоти сиёсати молиявӣ метавонанд фаъолияти соҳибкоронро бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ созанд.

Дар ҳамин замина, иштирокдорон масъалаи татбиқи тадбирҳои мақомоти танзими молиявиро ҷиҳати коҳиши хавфҳо, таъмини устувории низоми молиявӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои алтернативии маблағгузорӣ, аз ҷумла рушди воситаҳои рақамии молиявӣ ва механизмҳои кафолати қарзӣ, муҳокима намуданд.

Дар форум инчунин масъалаҳои рушди савдои байналмилалӣ, густариши ҳамкории минтақавӣ ва нақши он дар дастгирии соҳибкорони хурду миёна баррасӣ гардиданд.

Иштирокдорон таъкид карданд, ки ҳамгироии иқтисодӣ ва рушди робитаҳои савдо метавонад барои соҳибкорон имкониятҳои нав фароҳам оварда, дастрасӣ ба бозорҳои хориҷиро васеъ намояд. Ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи фарогирии молиявӣ ҳамчун шарти муҳими рушди устувор ва рақобатпазирии соҳибкорӣ арзёбӣ шуд.

Маврид ба зикр аст, ки дар ҳошияи форум муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Далер Муродализода бо директори иҷроияи Бонки Осиёии Рушд оид ба Ҷопон ҷаноби Шигэо Шимидзу мулоқот анҷом дод.

Зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои густариши ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки Осиёии Рушдро дар самтҳои рушди низоми молиявӣ, дастгирии соҳибкорони хурду миёна, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва ҷалби сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар рафти суҳбат, инчунин, масъалаи расонидани кумаки техникӣ бо ҷалби мутахассисону мушовирон ҷиҳати таҳияи заминаи меъёриву ҳуқуқӣ барои танзими соҳаи суғурта ва таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ муҳокима гардид.

Намояндаи Бонки Осиёии Рушд ҷаноби Шигэо Шимидзу иброз дошт, ки пешниҳоди мазкур мавриди омӯзиш қарор дошта, имкониятҳои татбиқи чунин лоиҳа дар оянда баррасӣ хоҳанд шуд.

Иштироки намояндаи Бонки миллии Тоҷикистон дар чунин форуми сатҳи баланд бозгӯи таваҷҷуҳи кишвар ба таҳкими ҳамкории байналмилалӣ, ҷалби таҷрибаи пешқадам ва ҷустуҷӯи роҳҳои муосири дастгирии соҳибкории хурду миёна мебошад.

Чунин чорабиниҳо имконият медиҳанд, ки Тоҷикистон дар равандҳои минтақавии рушди молиявӣ фаъолона иштирок намуда, барои татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи фарогирии молиявӣ ва рушди устувори соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.




# Пули сомонӣ –

## рукни давлатдории миллӣ ва омили истиқлолияти иқтисодӣ

Пули миллӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии соҳибихтиёрии давлат ба ҳисоб рафта, дар баробари Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ рамзи истиқлолият ва давлатдории миллӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина, таҷлили 25-солагии ба муомилот баровардани пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - сомонӣ, на танҳо як рӯйдоди ҷашнӣ, балки фурсати муҳимми таҳлили роҳу равиши ташаккул ва рушди низоми пулию қарзии кишвар мебошад.

Ба ҳамин муносибат, 30 октябри соли 2025 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон конфронси илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Пули сомонӣ — рукни давлатдории миллӣ” баргузор гардид. Ҳамоиш майдони муҳимми баррасии масъалаҳои таърихӣ, иқтисодӣ ва илмии вобаста ба ташаккули пули миллӣ буда, дар он роҳбарияти олии кишвар, намояндагони ниҳодҳои давлатӣ, олимону коршиносони соҳа ва ташкилотҳои байналмилалӣ иштирок намуданд.

### Сомонӣ: аз зарурати таърихӣ то рамзи давлатдорӣ

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода зимни сухани ифтитоҳӣ таъкид намуд, ки масъалаи ҷорӣ намуда-






ни пули миллӣ аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ зери таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт. Дар шароити бӯҳрони иқтисодии солҳои 90-ум ташкили низоми мустақили пулию қарзӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ аҳаммияти сарнавиштсоз дошт.

Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода дар маърузаи худ таъкид кард, ки гузариш аз рубли шуравӣ ба рубли тоҷикӣ ва баъдан ба сомонӣ натиҷаи мантиқии талошҳои давлат барои таҳкими истиқлолияти иқтисодӣ буд. Ба андешаи ӯ, пули миллӣ на танҳо василаи ҳисоббаробаркунӣ, балки рамзи давлатдорӣ ва худшиносии миллӣ мебошад.

Маҳз бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 октябри соли 2000 Фармони №415 ба имзо расид ва аз 30 октябри ҳамон сол воҳиди нави пули миллӣ - сомонӣ ба муомилот ворид гардид. Ин рӯйдод оғози марҳилаи нави рушди иқтисодии кишварро ифода мекард.

## Нақши илм ва фарҳанг дар симои пули миллӣ

Дар чараёни конфронс олимону коршиносон вобаста ба таърихи сикказанӣ дар замони ниёгон, интихоби симоҳои таърихӣ дар тарҳи банкнотаҳо ва нақши унсурҳои фарҳангӣ дар ташаккули ҳувияти миллӣ ибрози назар намуданд. Таъкид гардид, ки тасвири Исмоили Сомонӣ, ёдгориҳои меъморӣ ва рамзҳои миллӣ дар пулҳои коғазӣ идомаи суннатҳои давлатдории қадимаи тоҷикон мебошад.

Ин раванд нишон медиҳад, ки пули миллӣ на танҳо арзиши иқтисодӣ, балки мазмуни амиқи фарҳангӣ ва таърихӣ дорад ва ҳамчун воситаи тарғиби худшиносии миллӣ хизмат мекунад.

## Пули ҷашнӣ: омезиши анъана ва технологияи муосир




Яке аз нуктаҳои муҳимми конфронс муаррифии нахустин пули коғазии ҷашнӣ бо арзиши 100 сомонӣ буд, ки ба муносибати 25-солагии сомонӣ ба муомилот бароварда шуд. Ин иқдом бо дастгирии Пешвои миллат амалӣ гардида, қадами муҳим дар рушди фарҳанги пулбарорӣ дар кишвар маҳсуб меёбад.

Банкнотаи ҷашнӣ сад дар сад аз нахи пахта омода шуда, дорои тарҳи нодир ва унсурҳои пешрафтаи ҳимоявӣ мебошад. Дар он симои Исмоили Сомонӣ ва мақбараи ӯ, ҳамчунин бинои нави Парлумони Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд, ки рамзи пайванди таърих ва давлатдории муосир мебошанд.

Ба пул як қатор унсурҳои ҳимоявии муосир, аз ҷумла риштаи тағйирёбандаи ранг, унсурҳои 3D-фолгавӣ, нишонаи обӣ, ҳимояи флуоресенсӣ, аломатҳо барои нобиноён ва дигар ҷузъиёти муҳофизатӣ ворид карда шудаанд. Ин ҳама сатҳи баланди эътимоднокии сомониро дар низоми молиявии ҷаҳонӣ бозгӯ менамояд.

## Эътирофи байналмилалӣ ва нуфузи пули миллӣ



Сатҳи баланди тарроҳӣ ва ҳимоявии пули ҷашнӣ боис гардид, ки он дар озмуни байналмилалии High Security Printing дар шаҳри Куала-Лумпур дар номинатсияи “Беҳтарин банкнотаи ҷашнӣ дар соли 2025” сазовори ҷоизаи олӣ гардад. Ин дастовард на танҳо муваффақияти техникӣ, балки нишонаи эътирофи байналмилалии низоми пулию қарзии Тоҷикистон мебошад.

Зимни муаррифии пули ҷашнӣ дар озмуни байналмилалии High Security Printing дар шаҳри Куала-Лумпур муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ бо рӯнамо дар мавзуи “Вақте ки анъанаҳо бо технологияи муосир ва бехатар омезиш меёбанд” ба иштирокдорон оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи 25 соли ба муомилот баровардани пули миллӣ — сомонӣ ва хусусияти банкнотаи пули ҷашнӣ маълумот дод.

Маврид ба қайд аст, ки озмуни High Security Printing озмуни бонуфузи байналмилалӣ, ҳамасола дар доираи конфронсҳои байналмилалӣ барои навовариҳои беҳтарин дар самти таҳияи маблағҳои пулӣ ва ҳуҷҷатҳои дорои сатҳи баланди ҳимоя гузаронида мешавад. Дар озмун аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ ба банкнотаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои махсуси давлатҳои гуногун аз рӯйи сатҳи ҳифз, тарроҳӣ ва навовариҳои технологӣ баҳо гузошта мешавад.

Мукофот бори дигар собит сохт, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар истифодаи технологияҳои пешрафта бо ҳифзи суннату арзишҳои миллӣ қадамҳои устувор мегузорад.

# Тарбияи маърифати молиявӣ: сармоягузорӣ ба оянда



Дар доираи таҷлили 25-солагии сомонӣ озмуни эссеи беҳтарин таҳти унвони “Пули миллӣ — рамзи давлатдорӣ” байни хонандагони синфҳои болоӣ баргузор гардид. Ин иқдом ба баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва тақвияти ҳисси ифтихори миллӣ дар байни наврасон нигаронида шудааст.

Озмун нишон дод, ки насли ҷавон ба масъалаҳои истиқлолияти иқтисодӣ ва арзиши пули миллӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дорад, ки ин барои рушди устувори кишвар аҳаммияти стратегӣ дорад.

Тайи 25 сол сомонӣ аз як воситаи муомилот ба рамзи давлатдорӣ, истиқлолияти иқтисодӣ ва худшиносии миллӣ табдил ёфтааст. Таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки пули миллӣ танҳо омили иқтисодӣ нест, балки ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ, фарҳанг ва ҳувияти миллӣ мебошад.

Имрӯз низоми бонкии кишвар бо такя ба дастгирии пайвастаи Пешвои миллат кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо истифода аз дастовардҳои муосири илму технология, ҳамқадами замон бошад ва сомониро ҳамчун рамзи устувори давлатдории миллӣ ҳифз ва таҳким бахшад.



**"БТҶ"**

# Нақши Пешвои миллат дар таърихи давлатдорӣ
## Ҳамоиши бошукӯҳ дар Осорхонаи миллӣ

Бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арҷгузорӣ ба нақши таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 33-солагии Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқдоми Бонки миллии Тоҷикистон чорабинии фарҳангиву маърифатӣ дар маконе баргузор гардид, ки ҳар як гӯшаи он бозгӯкунандаи саҳифаҳои пурифтихори давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.



Ин ҳамоиш дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон 14 ноябри соли 2025 доир шуда, барои кормандону роҳбарияти Бонк имконият фароҳам овард, ки қадам ба қадам аз дастовардҳои бузурги миллат - аз таҳкими истиқлолият то расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишвар - аз наздик шинос гарданд.

Шоистаи таҳсин аст, ки маҳз ба шарофати роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мавқеи устувор

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад иштирокдорони ҳамоишро





пайдо намуда, бо пешниҳодҳои созанда аз минбарҳои баланд, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, номи тоҷик ва Тоҷикистонро баланд бардошт.

ба муносибати ин санаи муҳим табрик гуфта, таъкид намуд, ки Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун рамзи давлатдории навин ва ваҳдати миллӣ дар таърихи Тоҷикистони

соҳибистиқлол ҷойгоҳи махсус дорад.

Дар тули солҳои истиқлолият ҳаёту фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намунаи олии ватандӯстӣ, садоқат ба давлату миллат ва хизматҳои бузург ба халқи тоҷик мебошад. Пешвои миллат дар шароити ниҳоят ҳассосу мураккаби таърихӣ масъулияти сарнавиштсози роҳбариро ба дӯш гирифта, кишварро ба сӯйи сулҳу субот ва рушди устувор раҳнамун сохтанд.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими давлатдорӣ, пешрафти иқтисод, рушди иҷтимоӣ ва эҳёи фарҳанги миллӣ беназир мебошад. Аз ҷумла, бунёду такомули низоми бонкии кишвар ва ҷорӣ гардидани пули миллӣ — сомонӣ, ки рамзи истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистон аст, маҳз бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Пешвои миллат амалӣ гардид.

“Интихоби Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун макони баргузории чорабинӣ бесабаб нест, зеро дар ин муассисаи фарҳангӣ аксҳо, санадҳо ва маводи





арзишманди таърихӣ оид ба Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ ва фаъолияти Пешвои миллат нигоҳдорӣ мешаванд. Тамошои чунин гӯшаҳои таърихӣ барои баланд бардоштани маърифати сиёсиву миллӣ ва худшиносии иштирокдорон мусоидат менамоянд”, - гуфт Толибзода Ф. зимни баромад.

Шоир ва сиёсатшиноси маъруф, сармуҳаррири ҳафтаномаи “Адабиёт ва санъат” Абдуллоҳи Раҳнамо бо маърузаи илмӣ-таърихӣ баромад намуда, паҳлуҳои муҳимми фаъолияти сиёсии Пешвои миллатро дар раванди давлатсозӣ ва таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ шарҳ дод.

Ҳамчунин, директори Осорхонаи миллии Тоҷикистон Зафаршо Иброҳимзода иштирокдоронро бо санаҳои ҷашнӣ табрик гуфта, онҳоро ба тамошои толори махсуси бахшида ба фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват намуд. Маврид ба зикр аст, ки дар ин муассисаи бонуфузи фарҳангӣ маълумоту маводи зиёди арзишманди таърихӣ оид ба Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ ва фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳифз мегарданд.

Дар анҷоми ҳамоиш раиси Бонки миллии Тоҷикистон иброз доштанд, ки имрӯз халқи Тоҷикистон бо ифтихор ба Пешвои худ эътимод дорад ва арзишҳои истиқлолиятро ҳамчун дастоварди бузурги миллӣ гиромӣ медорад. Кормандони низоми бонкӣ низ бо ҳисси баланди масъулият таҳти роҳнамоиҳои Пешвои миллат баҳри рушди устувори соҳа ва татбиқи навовариҳои муосир пайваста саъю талош хоҳанд намуд.

"БТҶ"

# Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун роҳнамои рушди низоми молиявӣ ва буҷети давлатӣ

Татбиқи дастурҳои иқтисодии Паём заминаи устувори рушди буҷети давлатӣ, афзоиши қарздиҳӣ ба соҳаҳои афзалиятнок ва тақвияти шаффофияти молиявиро фароҳам меорад.

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28 декабри соли 2024, воқеан ҳам ҳуҷҷати дастурӣ ва барномаи мукаммали раҳнамои Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон махсуб меёбад. Ҳамасола муътадил нигоҳ доштани суръати рушди иқтисодиёти мамлакат, бахусус тавассути татбиқи самараноки барномаву нақшаҳои қабулгардида, яке аз вазифаҳои асосии Ҳукумати мамлакат муайян гардидааст.**




**Аъламхон НАИМӢ,**
корманди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

> Мусаллам аст, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро дар бар мегирад. Дар баробари ин, дар тамоми матн ва доираи дастуру супоришҳо бошад, масъалаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла молияи давлатӣ, андоз, гумрук, низоми бонкӣ, ҷалби сармоя, навоварӣ, рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ мақоми хосса доранд.

Мусаллам аст, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро дар бар мегирад. Дар баробари ин, дар тамоми матн ва доираи дастуру супоришҳо бошад, масъалаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла молияи давлатӣ, андоз, гумрук, низоми бонкӣ, ҷалби сармоя, навоварӣ, рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ мақоми хосса доранд.

Дар доираи дастуру ҳидоятҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ бармеоянд, масъулони соҳаҳои иқтисод вазифадор гардидаанд, ки иҷрои саривақтӣ, босифати барномаву нақшаҳои қабулгардида ва дар ин замина рушди иқтисоди кишварро дар соли 2025-ум дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намоянд.

Новобаста аз дурнамо ва пешгӯиии баъзе ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, дар робита ба эҳтимоли коҳиш ёфтани суръати рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар соли 2025, аз ҷумла мувофиқи дурнамои Бонки ҷаҳонӣ 7 фоиз ва Бонки рушди Осиё 7,4 фоиз дар назар дошта шуда буд, ки тасдиқи худро наёфтанд.

Фаъолияти иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар соли 2025, сарфи назар аз таъсири омилҳои манфии берунӣ, тағйирёбии иқлим, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятии ҷаҳон, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, аз ҷумла тавассути рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, бо қадамҳои устувор пеш меравад.

Бо муҳайё гардидани заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ, аз ҷумла Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, хизматрасонии ғайринақдӣ”, эълон гардидани солҳои 2025-2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия”, “Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ”, “Дар бораи масъалаҳои пешниҳоди хидматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ”, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ”, таҳия ва қабул гардидани Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва нақшаи амали он дар марҳилаи якум (солҳои 2023-2025), қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи имзои электронии рақамӣ”, санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии зиёди соҳавӣ ва дигар заминаҳои устувори ҳуқуқӣ имконият фароҳам овард, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусбат арзёбӣ гардида, рушди иқтисодиётро дар сатҳи муътадил таъмин намоянд.

Дар ин давра, меъёри таваррум дар сатҳи муътадил қарор дошта 3,5 фоизро ташкил намуд. Ба ташаккули сатҳи таваррум дар ин давра асосан тағйироти нархи маҳсулоти озуқаворӣ ва молҳои ғайриозуқаворӣ ва афзоиши хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, таъсир расонидаанд ва новобаста аз ин, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,1 банди фоизӣ кам мебошад.

Аз ин ҷост, ки натиҷаи фаъолияти мусбати иқтисодии Ҳукумати Тоҷикистон дар соли 2025, пеш аз ҳама ба сиёсати оқилона ва нарми Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандӣ дорад.

Аз ҷумла, мувофиқи маълумотҳои нишондиҳандаи кӯтоҳмуҳлати рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёт бо нархҳои ҷорӣ 176,9 млрд. сомонӣ, бо афзоиш, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, бо ифодаи воқеӣ 8,4 фоиз, аз ҷумла ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ ба маблағи 84,6 миллиард сомонӣ бо афзоиши 9,5 фоиз, саноат ба маблағи 66,7 миллиард сомонӣ бо афзоиши 22,8 фоиз, сохтмон 28,7 миллиард сомонӣ бо афзоиши 23 фоиз ташкил дод, ки суръати рушди иқтисодӣ бо тамоюли мусбии соҳаҳои асосии иқтисодӣ (кишоварзӣ, саноат, сохтмон) асоснок карда мешавад. Гардиши савдои хориҷӣ 10,7 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20,5 фоиз зиёд шудааст.

Дар ин давра, меъёри таваррум дар сатҳи муътадил қарор дошта 3,5 фоизро ташкил намуд. Ба ташаккули сатҳи таваррум дар ин давра асосан тағйироти нархи маҳсулоти озуқаворӣ ва молҳои ғайриозуқаворӣ ва афзоиши хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, таъсир расонидаанд ва новобаста аз ин, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,1 банди фоизӣ кам мебошад.

Мувофиқи маълумоти расмии Бонки миллии Тоҷикистон, қурби пулӣ миллӣ дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, 1 доллари амрикоӣ 9,2 сомонӣ, 1 Евро 10,8 сомонӣ ва 1 рубли русӣ

0,1178 сомониро ташкил намуд.

Ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ дар ин давра 30 миллиард сомониро ташкил намуд. Раванди қардиҳӣ аз рӯйи соҳаҳо чун гузашта, соҳаи кишоварзӣ, саноат, сохтмон мавқеи калидӣ дошта, аз рӯйи минтақаҳо бошад, Вилояти Мухтори Кӯҳистон Бадахшон дар сархати аввал қарор дорад.

Нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ин давра, мусбат арзёбӣ гардида, ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ 60,3 миллиард сомонӣ, бо афзоиши 7,0 миллиард сомонӣ ва 113,2 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил додааст. Иҷрои воридоти даромадҳои андозӣ 37,4 миллиард сомонӣ ё 115,6 фоизи нақшаи аниқшуда, бо афзоиши 5,0 миллиард сомонӣ, таъмин карда шудааст, ки ҳиссаи воридоти андоз дар ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ зиёда аз 64 фоиз мебошад. Воридоти даромадҳои ғайриандозӣ бошад, дар ҳаҷми умумии даромад 10,3 фоиз ё 5,5 миллиард сомонӣ мебошад, ки нисбат ба нақшаи аниқшуда қариб як маротиба барзиёд таъмин карда шудааст ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,3 миллиард сомонӣ зиёд, дар таркиби сохтори буҷети ҷумҳуриявӣ афзоиши нишондиҳандаи мазкур 74,2 фоиз ва фаъолияти иқтисодии берунӣ (Хадамоти гумрук) бошад 12,7 миллиард сомонӣ бо афзоиши 2,9 миллиард сомонӣ 30,4 фоизро ташкил додааст.

> Ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ дар ин давра 30 миллиард сомониро ташкил намуд. Раванди қардиҳӣ аз рӯи соҳаҳо чун гузашта, соҳаи кишоварзӣ, саноат, сохтмон мавқеи калидӣ дошта, аз рӯи минтақаҳо бошад, Вилояти Мухтори Кӯҳистон Бадахшон дар сархати аввал қарор дорад.

Хароҷоти буҷети давлатӣ дар ин муддат 60,1 миллард сомонӣ, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,1 миллиард сомонӣ зиёд мебошад ва 81,8 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил додааст.

Нишондиҳандаҳои қарзи берунӣ дар сатҳи муътадил қарор дошта, ҳаҷми умумии он 3,5 миллиард доллари амрикоӣ ва 19, 2 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил намудааст ва маблағгузории хизматрасонии қарзи берунӣ, аз рӯи ҷадвали тасдиқгардида ва дар мӯҳлатҳои муқарраршуда, ба маблағи зиёда аз 504,6 миллион доллари амрикоӣ, аз ҷумла 416,3 миллион доллари амрикоӣ барои пардохти қарзи асосӣ ва 88,3 миллион доллари амрикоӣ ҷиҳати пардохти фоизи қарзи асосӣ таъмин карда шудааст. Нишондиҳандаи дигари мусбӣ ва хушҳолкунанда ин аст, ки дар давраи ҳисоботӣ, дар маҷмуъ ҳаҷми умумии қарзи берунӣ ба маблағи 100 миллион доллари амрикоӣ коҳиш ёфтааст.

Бо зиёда аз 100 фоиз таъмин гардидани иҷроиши Буҷети давлатӣ ва ғанӣ гардидани қисми даромади он, имконият фароҳам омад, ки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2025 "Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия" зиёдшавии музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақа, стипендия, ҷубронпулӣ, кумакпулиҳо бо мақсади баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ, пурра амалӣ карда шаванд.

Мувофиқи фармони мазкур, маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз, дигар

муассисаҳои соҳаи маориф, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, мактабҳои махсуси варзишӣ, донишкадаю марказҳои такмили ихтисос ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф ва муассисаҳои илмӣ, музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла аз рӯйи мансабҳои сартабиб, табиб, кормандони миёна ва кормандони хурди тиббии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, беморхонаҳо, марказҳои саломатӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, соҳаи фарҳанг, хизмати давлатӣ, дигар муассисаву ташкилот, стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аспирантон, стипендияи давлатӣ барои донишҷӯён, ба андозаи 20 фоиз зиёд ва маблағгузории он ба пуррагӣ таъмин карда шудаанд.

Мувофиқи Фармони мазкур, ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ бори аввал, ба андозаи чор рақамӣ, 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шуда, амалӣ гардид. Яъне, маблағгузории музди меҳнати моҳонаи кормандон дар ҳама муассисаю ташкилотҳо ва корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, ба андозаи 1000 сомонӣ таъмин карда шудааст.

> Мувофиқи Фармони мазкур, ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ бори аввал, ба андозаи чор рақамӣ, 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шуда, амалӣ гардид. Яъне маблағгузории музди меҳнати моҳонаи кормандон дар ҳама муассисаю ташкилотҳо ва корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, ба андозаи 1000 сомонӣ таъмин карда шудааст.

Дар баробари ин, нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ” ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 фоиз тавассути индексатсия зиёд карда шудаанд.

Маблағгузории иҷрои босифати масъалаҳои гузошташуда аз Фармони мазкур, инчунин ухдадориҳои иҷтимоӣ ва амнияти давлатӣ, хизматрасонии қарзҳои асосии давлатӣ, берунӣ, чорабиниҳои муҳимми сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, маблағгузории як қисми иншоотҳои ҷашнӣ ва сохтмони иншоотҳои муҳимми давлатӣ, ки аз ҳисоби Буҷети давлатӣ (буҷетҳои маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва дигар фондҳои мақсаднок) ба нақша гирифта шудаанд, пурра таъмин ва амалӣ гардидаанд.

Дар доираи дастуру ҳидоятҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ҷиҳати такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ, то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллӣ, рақамикунонии пурраи хизматрасонии давлатӣ бо дар назар доштани маҳзани ягона, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар раванди хизматрасонӣ ва низоми бақайдгирии давлатӣ, таъмин намудани амнияти киберии махзанҳо, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ

диққати аввалиндараҷа дода шуда, аз ҷониби вазорату идораҳои соҳавӣ қадами усутувор гузошта шуд. Фаъол намудан ва баланд бардоштани суръати хизматрасонии интернетӣ ва татбиқи раванди саривақтӣ ва босифати рақамикунонии иқтисодиёт, як навъ ислоҳот, идоракунии муосири давлатӣ, воситаи пуриқтидори аз байн бурдани омилҳои инсонӣ, пешгирӣ ва муқовимати шадид бо коррупсия мебошад.

Бояд қайд намуд, ки сафарҳои ду моҳи охири соли 2025-уми Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба Даҳва, Вашингтон, Тошканд, Токио ва Санкт - Петербург аз нигоҳи оияндабинӣ, рушди иқтисодӣ ва асосан ба баланд бардоштани сатҳи зинадагонии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Аз ҷумла, дар доираи сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба ИМА ҷиҳати иштирок дар ҳамоиши ҷаласаи қолабии “Осиёи Марказӣ - Амрико” дар шаҳри Вашингтон бо Президенти ИМА Доналд Трамп мулоқот ва гуфтугӯ анҷом дода шуд.

Дар ин сафар, вохӯрии сатҳи баланди соҳибкорӣ байни Тоҷикистон ва ИМА баргузор гардида, намояндагони вазорату идораҳои соҳавию соҳибкорони Тоҷикистон ва аз ҷониби ИМА намояндагони Конгресс, Вазорати тиҷорат, инчунин роҳбарони маъруфтарин ва бонуфузтарин ширкатҳои байналмилалӣ, аз қабили Сити (Citi), Кока-Кола (Coca-Cola), Мета (Meta), Спейс Икс Старлинк (SpaceX/Starlink), Нас-дак (Nasdaq), Валмонт (Valmont), Эф Эл Смидт (FLSmidth), Донишгоҳи Невада ва дигарон фаъолона иштирок намуданд. Ҷониби амрикоӣ ҷиҳати иштирок ва тақвият ёфтани ҳамкориҳо барои татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ дар соҳаҳои энергетика, коркарди маъдан, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, саноат ва кишоварзӣ ибрози ҳавасмандӣ намуданд.

Дар натиҷаи гуфтушунидҳо оид ба ҳамкориҳои дуҷониба, дар доираи зиёда аз 3,2 миллиард доллар барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ созишномаҳои дахлдор ба имзо расид ва инчунин пешниҳод гардид, ки дар шаҳри Душанбе, Маркази минтақавии зеҳни сунъии Осиёи миёнагӣ таъсис дода шавад.

Ҳамзамон, байни ширкатҳои амрикоӣ ва доираҳои соҳибкории Тоҷикистону Амрико як қатор созишномаҳо ва ёддоштҳои тафоҳуми дигари ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт, сармоягузорӣ, мубодилаи технологияҳо ва дигар бахшҳои иқтисод, аз ҷумла миёни мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати амрикоии Nasdaq, Inc. ба имзо расонида шудааст, ки бевосита, ба рушди инфрасохтори молиявӣ ва технологии танзимкунандаи Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Дар вохӯрии ҳафтуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам

»

Дар натиҷаи гуфтушунидҳо оид ба ҳамкориҳои дуҷониба, дар доираи зиёда аз 3,2 миллиард доллар барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ созишномаҳои дахлдор ба имзо расид ва инчунин пешниҳод гардид, ки дар шаҳри Душанбе, Маркази минтақавии зеҳни сунъии Осиёи миёнагӣ таъсис дода шавад.

Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карданд, ки Маркази байналмилалии инноватсия ва маориф дар Осиёи Марказӣ ва Маркази минтақавии зеҳни сунъии Осиёи миёнагӣ дар шаҳри Душанбе таъсис дода шаванд ва инчунин барои рушди тиҷорати электронӣ дар минтақа платформаи ягонаи рақамӣ таҳия гардад.

Дар сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷопон, дар Ҳамоиши муколамаи "Осиёи Марказӣ + Ҷопон" дар шаҳри Токио бо Императори Ҷопон муҳтарам Наруҳито, Сарвазири кишвари Ҷопон Санаэ Такаичи ва бо дигар шахсони баландпояи мулоқоту гуфтугуҳои судманд анҷом дода шуд.

Дар доираи ин сафар ба Ҷопон, дар маҷмуъ наздики 20 санади нав, дар соҳаҳои иқтисод, сармоягузорӣ, сиёсати хориҷӣ, саноат, энергетика, кишоварзӣ, офатҳои табиӣ, аз ҷумла санадҳои нави ҳамкорӣ Ёддоштҳои тафоҳум миёни мақоми ваколатдори давлатӣ ва "Masui Co., Ltd", миёни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати ҷопонии "Curtis Creek Co., Ltd., миёни Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази муҳандисии метеорологии Ҷопон, миёни Донишгоҳи

> Мувофиқи Фармони мазкур, ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ бори аввал, ба андозаи чор рақамӣ, 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шуда, амалӣ гардид. Яъне, маблағгузории музди меҳнати моҳонаи кормандон дар ҳама муассисаю ташкилотҳо ва корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, ба андозаи 1000 сомонӣ таъмин карда шудааст.

техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва ширкати ҷопонии "Splice-Lab Co., Ltd, миёни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корпоратсияи ҷопонии "Sansei Corporation" ба имзо расонида шудаанд.

Дар баробари ин, Созишномаи грантӣ оид ба "Лоиҳаи таҷдиди таҷҳизоти сканкунии борҳо дар гузаргоҳи гумрукии ноҳияи Спитамен дар масири нақлиёти байналмилалии Транскаспий" ва Созишномаи грантӣ дар бораи лоиҳаи "Бунёди зеристгоҳи барқии 220 кВ барои шаҳри Душанбе" ҷамъ ба маблағи 90 миллион сомонӣ ба имзо расонида шуд.

Вохӯрии самимӣ ва сатҳи баланд, бо як гурӯҳ донишҷӯёни тоҷик, ки дар донишгоҳҳои гуногуни олии кишвари Ҷопон таҳсил менамоянд, дар шаҳри Токио баргузор гардид, ки Пешвои миллат аз шароити таҳсили донишҷӯён бохабар гардида, ҳамзамон ҷавононро фарзандвор ба бештар ва амиқтар андӯхтани забонҳои хориҷӣ, илму дониш ва малакаҳои беҳтарин дар донишгоҳҳои Ҷопон, ҳидоят ва даъват намуданд.

Ин аст, ки Пешвои муаззами миллат зимни мулоқотҳо ва сафари хеш, Ҷопонро шарики боэътимоди Тоҷикистон дар таълиму тарбияи кадрҳо тавассути барномаҳои ҶАЙКА (JICA) ва бурсияҳои Чей-Ди-Эс (JDS) номида,ҷиҳати ҳамкорӣ, бо Барномаи "Джей-Ди-Эс" дар соҳаҳои тиб, нанотехнология, технологияҳои иттилоотӣ, техникаи авиатсионӣ, амнияти иттилоотӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъсиси Маркази инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистону Ҷопон дар кишвари мо пешниҳодҳо намудаанд.

Дар доираи сафари корӣ ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия бошад, дар вазъияти тантанавӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва

сарони давлатҳои ҳамсояи мо, дар снани 21.12.2025 барои саҳми бузург дар таҳкими сулҳу амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ, бо Ҷоизаи байналмилалии сулҳ ба номи Лев Толстой сарфароз гардонида шуданд.

Яке аз дастовардҳо ва пешравии дигар дар рушди инфрасохтори телекоммуникатсионии мамлакат, ба кор андохтани истгоҳҳои нави базавии 5G дар як қатор маҳаллаҳои шаҳри Душанбе, на танҳо дастоварди техникӣ, балки тасдиқи садоқат, ба рушди оянда рақамии Тоҷикистон аст. Ин иқдомест, ки симои шаҳрҳоро тағйир медиҳад, рушди иқтисодиро суръат мебахшад ва сифати зиндагии ҳар шаҳрвандро беҳтар мекунад.

Тадбирҳои андешидашуда имкон додаанд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026” ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2027-2028, ба марҳилаи сифатан нав, ҷавобгӯи талаботи замон, бо нишондиҳандаҳои воқеӣ, бо дар назар доштани нисбатан афзоиш ёфтани қисми даромаду хароҷот ва коҳиш додани касри он ва бо мутавозинии асоснок, таҳия ва пешниҳод карда шаванд.

Аз ҷумла, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ барои соли 2026 дар ҳаҷми 195,4 миллиард сомонӣ, бо

Яке аз дастовардҳо ва пешравии дигар дар рушди инфрасохтори телекоммуникатсионии мамлакат, ба кор андохтани истгоҳҳои нави базавии 5G дар як қатор маҳаллаҳои шаҳри Душанбе, на танҳо дастоварди техникӣ, балки тасдиқи садоқат, ба рушди оянда рақамии Тоҷикистон аст. Ин иқдомест, ки симои шаҳрҳоро тағйир медиҳад, рушди иқтисодиро суръат мебахшад ва сифати зиндагии ҳар шаҳрвандонро беҳтар мекунад.

афзоиши 29,3 миллиард сомонӣ, нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ барои ин давра, бо дар назар доштани ҳамаи сарчашмаҳо дар ҳаҷми 65,0 миллиард сомонӣ, бо афзоиш ба маблағи 15,4 миллиард сомонӣ ё 31,2 дарсад, нисбат ба соли гузашта ва 29,9 фоиз нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ пешбинӣ карда шаванд.

Ҳаҷми умумии қисми хароҷоти буҷети давлатӣ бошад, ба маблағи 66,9 миллиард сомонӣ, бо афзоиш ба маблағи 15,4 миллиард сомонӣ ё 29,9 дарсад нисбати соли гузашта ва 31,1 фоиз нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ пешбинӣ карда шудааст.

Амалӣ гардидани талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020 “Дар бораи тасдиқи стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, оид ба нишондиҳандаҳои калидии натиҷанокӣ, ба истиснои масъалаҳои алоҳида, риоя гардида, касри Буҷети давлатӣ, бо дар назар доштани арзёбии мусбии молиявӣ ва чараёни муътадили вазъи буҷети давлатӣ ба маблағи 1950 миллион сомонӣ ё 1,0 фоиз, аз ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар назар дошта шудааст.

Дар ин давра буҷети давлатӣ касб намудани хусусияти рушду тараққиёт ва иҷтимоиро идома дода, ба маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ равона намудани 29,5 миллиард сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 8,7 миллиард сомонӣ ё 41,8 фоиз зиёд мебошад.

Муътадил арзёбӣ гардидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, интизоми молиявӣ ва рушди бемайлони иқтисодии Тоҷикистон, бори аввал аз ҷониби бонуфузтарин ниҳоди молиявии байналмилалӣ, Хазинаи байналмилалии асъор, эътироф гардида, қайд намудаанд, ки “Иқтисодиёти Тоҷикистон натиҷаҳои

хуб нишон дода, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 8,2 фоиз афзоиш ёфта, сатҳи таваррум дар давоми се семоҳа дар сатҳи паст 2,8 фоиз қарор дорад”.

Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати амалӣ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар барои гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, хизматрасонии ғайринақдӣ”, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ваколатдори давлатӣ, мақомоти молия, андоз, низоми бонкӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе фаъол мебошанд ва дар қатори пешсафон қарор доранд.

Дар баробари ин, новобаста аз дастовардҳои назаррас, моро зарур аст, ки дар доираи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 фаъолиятро дар самти гуногуншаклии содирот, гуногоншаклии қарзҳои бисёрҷонибаи давлатӣ, боз ҳам ҷоннок намуда, инчунин баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бо роҳи пурзӯр намудани назорати қатъӣ, такмил додани қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҷорӣ намудани ҷарима ва муҷозоти сангини маъмурӣ ва ҷиноятиро ба роҳ монда, амалӣ намоем.

Инҷо ёдоварӣ аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маврид аст, ки зимни ироаи Паём иброз намудаанд: “Меҳоҳам бо ифтихору қаноатмандӣ изҳор намоям, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилгардидаи мо, пеш аз ҳама, натиҷаи талошу заҳмати мардуми шарифи кишвар мебошанд”

Дар баробари ин, қайд намудан ба маврид аст, ки рушду дастовардҳои кишвару давлати азизамон, пеш аз ҳама, дар навбати аввал ба сиёсати оқилона ва нарми Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандии зич ва ногусастанӣ дорад.

Дар маҷмуъ натиҷаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар зимни баргузории ҷаласаи васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мусбат арзёбӣ карда шудааст.

Таҳлил нишон дод, ки иҷрои дастуру ҳидоятҳо ва супоришҳо аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28 декабри соли 2024, хусусан дар соҳаи иқтисод, саривақт ва босифат ва дар сатҳи баланд, амалӣ карда шудаанд.

**Манбаъ;**

- https://www.president.tj
- сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашри Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ – декабр, саҳифаҳои 11- 97-100;
- Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" аз 28 декабри соли 2024.
- сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, info@moliya.tj



# Бонки миллии Тоҷикистон дар самти таъсиси портали ягонаи муқоисавии хизматрасониҳои молиявӣ қадамҳои амалӣ мегузорад

**26 декабри соли 2025 таҳти роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Далер Муродализода ҷаласаи корӣ бо иштироки намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавии кишвар баргузор гардид. Ҷаласа ба масъалаи муҳимми таҳияи "Саҳифаи интернетии мутамарказ барои муқоисаи нархҳо ва пешниҳодҳои хизматрасониҳои молиявӣ" бахшида шуда, ҳамчун яке аз иқдомҳои калидӣ дар самти таъмини шаффофият, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва рушди рақобати солим дар бозори молиявӣ арзёбӣ гардид.**

## ЗАРУРАТИ ТАЪСИСИ ПОРТАЛИ ЯГОНАИ МОЛИЯВӢ

Дар шароити рушди босуръати низоми молиявӣ, гуногунранг гардидани хизматрасониҳои бонкӣ, қарзӣ ва суғуртавӣ, инчунин афзоиши шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ, масъалаи дастрасии аҳолӣ ба иттилооти саҳеҳ, возеҳ ва муқоисашаванда аҳаммияти аввалиндараҷа касб намудааст.

Имрӯз истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ҳангоми интихоби бонк ё ташкилоти қарзӣ бо мушкилоти муайян рӯ ба рӯ мешаванд:

- набудани маълумоти мутамарказ;
- душвории муқоисаи меъёрҳои фоизӣ, шартҳои қарз, амонат ва суғурта;
- фарқияти услуби пешниҳоди иттилоот аз ҷониби ташкилотҳо.

Дар ин замина, ташкили портали ягонаи миллии муқоисавии хизматрасониҳои молиявӣ ҳамчун як абзори муосири танзим ва иттилоотрасонӣ ба аҳолӣ, яке аз афзалиятҳои сиёсати Бонки миллии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.



## ПОЯИ ҲУҚУҚӢ ВА СТРАТЕГӢ

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Далер Муродализода зимни ҷаласа таъкид намуд, ки иқдоми мазкур дар доираи татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314 “Дар бораи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026” амалӣ мегардад.

Стратегияи миллӣ чор самти асосиро дар бар гирифта, яке аз самтҳои калидии он таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз дар доираи ин самт, тибқи банди 55 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия, таҳияи платформаи мутамаркази муқоисавии хизматрасониҳои молиявӣ пешбинӣ шудааст.

Бо такя ба ин санадҳои стратегӣ, воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи “Супориши техникӣ барои таҳияи саҳифаи интернетии мутамарказ”-ро таҳия намудаанд, ки дар ҷаласаи мазкур мавриди баррасии муфассал қарор гирифт.

## ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ ПОРТАЛИ МУТАМАРКАЗ

Ба таъкиди Далер Муродализода, ҳадафи асосии таъсиси саҳифаи интернетии мутамарказ иборат аст аз:

- таъмин намудани шаффофият дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ;
- фароҳам овардани дастрасии осон ва ройгон ба иттилооти боэътимод;
- муқоисаи возеҳи нархҳо, меъёрҳои фоизӣ ва шартҳои хизматрасонӣ;
- баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ;
- ташаккули рақобати солим байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ.

Ин портал имкон медиҳад, ки истифодабарандагон дар як фазои рақамӣ тамоми намудҳои хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла:

- қарзҳои истеъмолӣ, ипотекӣ ва соҳибкорӣ;
- амонатҳо;
- хизматрасониҳои пардохтӣ;
- маҳсулоти суғуртавӣ;
- дигар хизматрасониҳои бонкӣ ва ғайрибонкиро муқоиса намуда, қарорҳои огоҳона қабул намоянд.

## НАҚШИ ПОРТАЛ ДАР РУШДИ РАҚОБАТ ВА СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНӢ

Таъсис ва фаъолгардонии портали мутамарказ на танҳо ба манфиати истеъмолкунандагон, балки ба рушди худи ташкилотҳои молиявӣ низ мусоидат хоҳад кард. Зеро дар шароити шаффофият ва муқоисаи ошкоро:

- ташкилотҳо маҷбур мешаванд сатҳу си-

фати хизматрасониро баланд бардоранд;
- маҳсулоти нав ва пешниҳодҳои рақобатпазир таҳия карда мешаванд;
- эътимоди ҷомеа ба низоми молиявӣ тақвият меёбад;
- муҳити солими бозорӣ ва рушди устувори соҳа таъмин мегардад.

Ба гуфтаи муовини раиси Бонки миллӣ, ин иқдом ба сиёсати умумии рақамикунонии низоми молиявӣ ва истифодаи васеи технологияҳои муосир мутобиқ буда, яке аз абзорҳои муҳимми идоракунии муосири бозори молиявӣ маҳсуб меёбад.

## ФАЪОЛИЯТИ ГУРӮҲИ КОРӢ ВА ҶАЛБИ ИШТИРОКЧИЁН

Дар ҷаласа зикр гардид, ки барои татбиқи лоиҳа гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст, ки ба он намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ ҷалб гардидаанд. Айни ҳол корҳои таҳлилӣ, мувофиқасозии техникӣ ва баррасии механизмҳои пешниҳоди маълумот идома доранд.

Дар ҷараёни муҳокима иштирокдорон вобаста ба:
- тартиби пешниҳоди маълумот;



- навсозии мунтазами иттилоот;
- таъмини дурустӣ ва дақиқии маълумот;
- масъулияти ҷонибҳо пешниҳодҳои мушаххас ироа намуданд.

## ДАЪВАТ БА ҲАМКОРӢ

Дар фарҷоми ҷаласа Далер Муродализода намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавиро ба ҳамкории фаъол ва созанда даъват намуда, таъкид кард, ки муваффақияти ин ташаббус ба сатҳи иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор вобастагии мустақим дорад.

Ба гуфтаи ӯ, Бонки миллии Тоҷикистон омода аст тамоми заминаҳои заруриро барои татбиқи босифат ва самаранокӣ портали мутамарказ фароҳам оварад, то ҳадафҳои пешбининамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фарогирии молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва рушди устувори низоми молиявӣ амалӣ гарданд.

Таъсиси портали ягонаи миллии муқоисавии хизматрасониҳои молиявӣ қадами муҳим дар роҳи гузариш ба низоми молиявии шаффоф, рақобатпазир ва ба истеъмолкунанда нигаронидашуда ба шумор меравад. Ин ташаббус на танҳо сатҳи дастрасии аҳолӣ ба иттилооти молиявиро баланд мебардорад, балки ба таҳкими эътимод, рушди бозори молиявӣ ва суботи иқтисодии кишвар заминаи устувор фароҳам меорад.

# Фестивали “Саводнокии молиявӣ” — қадами устувор дар роҳи баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ



17 октябри соли 2025 бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ, муассисаҳои суғуртавӣ ва шарикони рушд дар шаҳри Душанбе фестивали ҷумҳуриявии “Саводнокии молиявӣ” баргузор гардид. Чорабинӣ дар бинои Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ ва ҳамчунин дар боғи “Куруши Кабир” доир шуда, таваҷҷуҳи васеи сокинону меҳмонони пойтахтро ба худ ҷалб намуд.

Дар маросими ифтитоҳи фестивал муовини раиси шаҳри Душанбе Абдураҳмонзода А.С, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Г.Н., инчунин меҳмони фахрии чорабинӣ — директори генералӣ оид ба фарогирии молиявии Бонки марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдуғаниева Д.А. иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муовини раиси шаҳри Душанбе Абдураҳмонзода зимни баромади худ аҳаммияти омӯзиши донишҳои молиявӣ ва нақши маърифати молиявиро дар шароити муосир махсус таъкид намуда, зикр кард, ки баргузории чунин ҳамоишҳо барои табодули таҷриба, шиносоӣ бо маҳсулоти нави молиявӣ ва таҳкими фарҳанги истифодаи дурусти хизматрасониҳои молиявӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар навбати худ, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ иброз дошт, ки ҳадафи асосии фестивал баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, зиёд намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявию суғуртавӣ ва муаррифии имкониятҳои нави ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ мебошад. Таъкид гардид, ки рушди саводнокии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар таҳкими низоми бонкӣ ва иқтисоди миллӣ нақши калидӣ дорад.

Қайд карда шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун танзимгари бозори молиявӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, инчунин шарикони рушд, пайваста тадбирҳои зарурӣро ҷиҳати баланд бардоштани маърифати молиявии ҷомеа роҳандозӣ менамояд. Аз ҷумла, аз соли 2023 то имрӯз чунин фестивалҳо дар 27 шаҳру ноҳияи кишвар баргузор гардида, зиёда аз 65 ҳазор нафарро фаро гирифтаанд.



Меҳмони фестивал, намояндаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Дилбар Абдуғаниева низ зимни суханронӣ аҳаммияти рушди саводнокии молиявӣ ва таҷрибаи ҳамкориҳои минтақавиро таъкид намуд.

Дар идомаи чорабинӣ мутахассисони соҳаҳои бонкдорӣ, суғурта ва ширкатҳои тиҷоратӣ бо рӯнамоҳои муфассал дар мавзуъҳои муҳим, аз ҷумла “Пешгирии қаллобии молиявӣ”, “Истифодаи мақсадноки қарзи бонкӣ”, “Имкониятҳои замимаи мобилии “Андози ман””, “Саводнокии молиявӣ — асоси тиҷорати муваффақ”, “Муҳиммияти пасандозгузорӣ” ва “Нақши суғуртаи нақлиёт дар ҳифзи моликият” баромад намуданд.




Қобили зикр аст, ки дар қисми дигари фестивал дар боғи “Куруши Кабир” аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва муассисаҳои суғуртавӣ намоиши хизматрасониҳои молиявию суғуртавӣ пешниҳод гардида, ба шаҳрвандон машваратҳои ройгон дода шуданд.

Дар анҷоми фестивал як қатор овозхонҳои шинохтаи санъати тоҷик бо барномаи фарҳангиву фароғатӣ хотири иштирокдоронро болида гардониданд.

# Ҷаласаи корӣ оид ба фаъолияти ташкилотҳои аудиторӣ дар низоми суғурта



24 декабри соли 2025 таҳти роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ ҷаласаи корӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои муҳимми вазъи кунунии низоми суғурта, аудити берунаи ҳисоботҳои молиявӣ, сифати хулосаҳои аудиторӣ, инчунин мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар ҷаласа роҳбарони ташкилотҳои аудиторӣ, намояндагони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Зимни баромади худ муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъкид кард, ки Бонки миллӣ ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ баъди ба зимма гирифтани ваколатҳои назоратӣ, як қатор тадбирҳои муҳимро амалӣ намудааст, ки ба ташаккул ва рушди низоми суғуртаи кишвар мусоидат карданд.



Гуфта шуд, ки дар доираи ислоҳоти соҳаи суғурта дар соли 2025 санадҳои муҳимми меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул гардиданд, ки равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро пурра танзим намуда, сатҳи шаффофиятро таъмин мекунанд. Аз ҷумла, тартиб ва меъёрҳои ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ, муҳлат ва тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ, феҳристи ҳисобҳои тавозунӣ барои ташкилотҳои суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунӣ, тавсифи ҳисобҳои тавозунӣ барои ташкилотҳои суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунӣ.

Бо вуҷуди пешравиҳо, таъкид гардид, ки дар самти санҷиши ҳатмии аудити ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ баъзе камбудиҳо ҷой доранд. Дар охир аз иштирокдорон даъват ба амал оварда шуд, ки бо мақсади таъмини шаффофият ва тақвияти боварии аҳолӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ фаъолияти худро дар асоси стандартҳои байналмилалии аудит, принсипҳои қонуният, беғаразӣ ва поквиҷдонӣ ба роҳ монанд.

# Муқовимат ба коррупсия – кори дастаҷамъӣ



2 декабри соли 2025 таҳти раёсати муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ вохӯрии корӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои марбут ба пешгирии коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои мусоидаткунандаи ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030 мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Дар ҳамоиш намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва кормандони масъули дастгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавии бонк иштирок намуданд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ зимни суханронии худ таъкид кард, ки коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди иҷтимоию иқтисодӣ буда, боиси коҳиши эътимоди шаҳрвандон, халалдор шудани муҳити иқтисодӣ ва нақзи принсипҳои адолати иҷтимоӣ мегардад.

Зикр гардид, ки Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, заминаҳои ҳуқуқию ташкилии мубориза бар зидди коррупсияро фароҳам овардааст.

Дар идома, муовини директори департаменти аудити дохилии бонк Бӯстоналӣ Холиқов иттилоъ дод, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №222 аз 3 августи соли 2021 Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030 тасдиқ гардида, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми соҳавӣ ҳамасола нақшаҳои амалисозии онро таҳия ва татбиқ менамояд.

Қайд гардид, ки соли ҷорӣ низ Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравӣ тасдиқ шуда, мавриди иҷро қарор дорад.

Муовини сардори Раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Рабизода Диловар зимни баромад аҳаммияти татбиқи Стратегияро муҳим арзёбӣ намуда, бо овардани мисолҳои мушаххас роҳҳои пешгирии амалҳои коррупсиониро шарҳ дод.

Иштирокдорон ба саҳмгузории фаъол дар ташаккули муҳити зиддикоррупсионӣ даъват гардиданд.

Гулбаҳор Назирӣ таъкид намуд, ки мубориза бо коррупсия танҳо вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ набуда, ҳар шаҳрванд бояд дар пешгирии ин падида саҳми худро гузорад.

Ҳамзамон гуфта шуд, ки бетарафӣ дар муқобили амалҳои коррупсионӣ қобили қабул нест ва ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ вазифаи умумимиллӣ мебошад.

Дар анҷоми вохӯрӣ зарурати тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва фароҳам овардани муҳити оштинопазир нисбат ба коррупсия ҳамчун омили асосии рушди ҷомеаи солим таъкид гардид.




# Ҷаласаи навбатии Комиссияи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризм

28 октябри соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО) баргузор гардид.

Дар ҷаласа масъалаҳои муҳимми вазъи кунунии низоми миллӣ, рафти омодагӣ ба даври сеюми баҳодиҳии мутақобила дар соли 2026, инчунин таҳкими ҳамкории байниидоравӣ дар самти татбиқи стандартҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҷаласаро Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, роҳбари Комиссия Ализода З. ифтитоҳ намуда, аҳаммияти омодагии кишварро ба марҳилаи нави баҳодиҳии мутақобилаи низоми миллӣ дар доираи Гурӯҳи Авруосиё (ГАО) таъкид кард.

Зикр гардид, ки даври сеюми баҳодиҳӣ барои таҳкими устуворӣ ва шаффофияти низоми молиявии кишвар аҳаммияти махсус дорад.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ зимни сухани ифтитоҳӣ иштирокдоронро хайрамақдам гуфта, баргузории ҷаласаро қадами муҳим дар равандӣ омодагӣ ба баҳодиҳии байналмилалӣ арзёбӣ намуд.

Ҳамзамон, саҳми Котибот ва коршиносони кишварҳои узви ГАО дар дастгирии пайваста махсус зикр гардид.

Котиби иҷроияи ГАО Тетеруков С.А. пешрафтҳои назарраси Тоҷикистонро дар татбиқи стандартҳои байналмилалии ФАТФ (FATF) қайд намуда, омодагии Котиботро барои идомаи ҳамкории судманд изҳор дошт.

Дар ҷаласа директори департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон Мирзоалиев Ҳ.С. оид ба тадбирҳои амалишуда ҷиҳати таҳкими ҳамкории байниидоравӣ, ҷалби вазорату идораҳои марбута ба гурӯҳи коршиносони миллӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ба баҳодиҳӣ маълумоти муфассал пешниҳод намуд.

Дар анҷоми ҷаласа бо қарори Комиссия ҳайати коршиносони миллӣ барои омодагӣ ва гузаронидани баҳодиҳии мутақобилаи навбатӣ тасдиқ гардид.

Ба вазорату идораҳо дастур дода шуд, ки иштироки фаъолонаи намояндагонро дар гурӯҳи корӣ таъмин намуда, ҳамкории судмандро бо департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон идома диҳанд.

Ҳамзамон таъкид гардид, ки дар ҳамкорӣ бо Котиботи ГАО дар шаҳри Душанбе як қатор семинарҳои омӯзишӣ баргузор мегарданд, ки ҳадафи онҳо таҳкими иқтидори мутахассисони миллӣ мебошад.

Қайд гардид, ки омодагии ҳамаҷониба ва ҳамкории зичи байниидоравӣ омили асосии муваффақият дар баҳодиҳии байналмилалии навбатӣ буда, ба таҳкими шаффофият ва амнияти молиявии кишвар мусоидат хоҳад кард.

## Семинари амалии омодасозии коршиносони миллӣ ба даври сеюми баҳодиҳии ГАО




Аз 27 то 31 октябри соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон семинари амалии омодасозии гурӯҳи коршиносони миллӣ ба даври сеюми баҳодиҳии мутақобилаи Гурӯҳи Авруосиё (ГАО) оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризм баргузор гардид.

Ҳадафи семинар баланд бардоштани сатҳи омодагии коршиносон, таҳкими иқтидори мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ, инчунин такмили низоми миллӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО буд.

Дар чорабинӣ намояндагони мақомоти давлатӣ, сохторҳои назоратӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои молиявӣ ва бахши хусусӣ иштирок намуда, таҷрибаи худро мубодила карданд.

Семинар дар ҳамкорӣ бо Котиботи ГАО баргузор гардида, коршиносони Россия, Беларус ва Ӯзбекистон низ ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ ширкат варзиданд.

Иштирокдорон бо тавсияҳои навшудаи ФАТФ, методологияи баҳодиҳӣ, идоракунии хавфҳо ва роҳҳои таҳкими ҳамкории байниидоравӣ шинос шуданд.

Қайд гардид, ки чунин чорабиниҳо барои тақвияти шаффофият, устувории низоми молиявӣ ва омодагии кишвар ба баҳодиҳии байналмилалӣ аҳаммияти муҳим доранд.

## Семинари омӯзишӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО барои низоми бонкӣ дар Кӯлоб

Аз 17 то 19 декабри соли 2025 дар шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб чорабинии омӯзишӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризм баргузор гардид.



Ҳадаф баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбии кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва таҳкими нақши онҳо дар татбиқи стандартҳои байналмилалӣ буд.

Дар семинар 30 намоянда аз низоми бонкии кишвар иштирок намуданд ва бо низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО, стандартҳои ФАТФ, талаботи қонунгузории миллӣ ва принсипҳои санҷиши муштарӣ шинос шуданд.

Ҳамчунин, масъалаҳои пешгирии амалиётҳои ҷиноятӣ, таҳлили кейсҳо ва бартарафсозии камбудиҳо дар фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Баргузории чунин семинарҳо барои устуворӣ ва бехатарии низоми молиявӣ, ҳамкории байниидоравӣ ва баланд бардоштани малакаи касбӣ аҳаммияти калон дорад ва дар оянда дар минтақаҳои дигар низ мунтазам баргузор хоҳад шуд.

# Нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва таҳкими фарҳанги иҷтимоӣ

*Дар шароити рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар, масъалаи танзими анъана ва ҷашну маросим аҳаммияти хосса касб намудааст. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун як иқдоми муҳимми давлатӣ ба ҳифзи арзишҳои миллӣ, пешгирии исрофкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон нигаронида шудааст.*




Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи муқаррароти ин қонунро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ қарор дода, дар ин самт таҷрибаи назаррас ба даст овардааст. Бо ин мақсад, дар сохтори бонк Комиссияи ҷамъиятӣ оид ба танзими ҷашну маросим таъсис дода шудааст, ки фаъолияти он мунтазам ва ҳадафмандона ба роҳ монда шудааст.

Комиссияи мазкур таҳти роҳбарии раиси бонк амал намуда, ба масъалаҳои риояи қатъии талаботи қонун таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд. Ҳама ҷашну маросими кормандон дар дафтари махсус ба қайд гирифта шуда, бо иштирокчиёни онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ ва машваратӣ гузаронида мешаванд. Ин раванд ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ташаккули фарҳанги сарфакорӣ дар байни кормандон мусоидат мекунад.

Таҷрибаи амалии бонк нишон медиҳад, ки риояи талаботи қонун дар сатҳи ба-

ланд таъмин гардида, ҳангоми баргузории маъракаҳо ба исрофкорӣ ва хароҷоти зиёдатӣ роҳ дода намешавад. Ин натиҷаи фаъолияти самараноки комиссия ва муносибати масъулиятноки кормандон ба талаботи қонун мебошад.

Дар баробари ин, фаъолияти комиссия танҳо бо назорат маҳдуд намешавад. Он инчунин ҳамчун як ниҳоди тарғиботӣ амал карда, дар байни кормандон арзишҳои миллӣ, фарҳанги маъракадорӣ ва эҳтиром ба анъанаҳои неки мардумиро ташвиқ менамояд. Тавассути чунин чорабиниҳо дар шуури кормандон дарки дурусти моҳияти қонун ва аҳаммияти иҷтимоии он тақвият меёбад.

Инчунин бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Бонки миллии Тоҷикистон ба масъалаҳои дастгирии иҷтимоӣ ва анҷом додани корҳои хайриявӣ низ диққати махсус медиҳад. Иқдомҳои хайриявӣ ҳамчун идомаи мантиқии сиёсати сарфакорӣ ва истифодаи самараноки захираҳо арзёбӣ мегарданд.

Дар ин замина, бонк ба қишрҳои осебпазири ҷомеа, аз ҷумла маъюбон, оилаҳои камбизоат ва кӯдакони ятим пайваста дасти ёрӣ дароз менамояд.

Ҳамзамон, дастгирии муассисаҳои иҷтимоӣ, аз қабили хона-интернатҳо ва марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти хайриявии бонк ба ҳисоб меравад. Инчунин, расонидани кумак ба кормандон барои беҳтар намудани вазъи саломатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои табобати онҳо аз ҷумлаи тадбирҳои муҳимми иҷтимоӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи чунин иқдомҳо ба ниҳодҳои низомӣ ва дигар қишрҳои ҷомеа низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар арафаи ҷашнҳои давлатӣ ва миллӣ барои онҳо чорабиниҳои фарҳангӣ ва эҳсонкорӣ роҳандозӣ менамояд. Ин иқдомҳо ба таҳкими руҳияи ватандӯстӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар самти татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ҳамзамон густариши корҳои хайриявӣ намунаи ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ бо амалияи муассир мебошад. Фаъолияти мунтазами комиссия, назорати доимӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ дар баробари иқдомҳои хайриявӣ замина фароҳам овардаанд, ки фарҳанги маъракадорӣ ва масъулияти иҷтимоӣ дар муҳити корӣ ба сатҳи баланд бардошта шавад.

Дар оянда низ Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати такмил додани ин раванд, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти комиссия ва густариши корҳои хайриявӣ тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд. Зеро татбиқи босамари қонуни мазкур ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ омили муҳимми рушди устувори ҷомеа ба ҳисоб меравад.

**Раҷаб Фариштамоҳи Ҳабибулло,**
**котиби Комиссияи ҷамъиятии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба танзими ҷашну маросим**

# Иҷозатномаҳо

Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”, “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд”, “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар давоми моҳҳои июл-декабри соли 2025 бо мақсади таҳким бахшидани низоми бонкӣ ва тавсеа бахшидани хизматрасонии молиявӣ, ба як қатор ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва аудиторӣ иҷозатнома дод.

## Дар бораи ҶСП ТАҚХ “Инноватсия Капитал”

01.07.2025

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ба ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ташкилоти амонатии қарзии хурди “Инноватсия Капитал” барои фаъолияти ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ҷиҳати анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

## Дар бораи ҶДММ “Моор Стивенс”

02.07.2025

Дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”, Низомнома “Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007, №172 тасдиқ шудааст ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Моор Стивенс” ҷиҳати фаъолияти аудиторӣ барои аудити ташкилотҳои қарзӣ иҷозатнома дода шуд.

## Дар бораи ҶСП ТАҚХ “Зинда Капитал”

03.07.2025

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ташкилоти амонатии қарзии хурди “Зинда Капитал” барои фаъолияти ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ҷиҳати анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

## Дар бораи ҶСП Бонки “Арванд”

21.07.2025

Мутобиқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ба Ҷамъияти саҳомии “Гоҷо энд Компани, Инк” (Gojo&Company, Inc (Ҷопон)) ҷиҳати ба даст овардани ҳиссаи иштироки афзалиятнок дар Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Бонки “Арванд” ба андозаи 90,71 фоиз розигӣ дода шуд.

## Дар бораи ҶСП “Васл Бонк”

31.07.2025

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” бинобар табдилёбӣ ба бонк, ба ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Васл Бонк” барои фаъолияти бонкӣ ҷиҳати анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

Иҷозатномаи ҶДММ ТКҒ “Васл”, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон 30 декабри соли 2022 таҳти №151 дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

## Дар бораи ҶСК “Туризм промоушн сервисез Таджикистан”

04.08.2025

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Туризм промоушн сервисез Таджикистан” - меҳмонхонаи “Душанбе-Серена” барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ барои хизматрасонии (фаъолияти) махсус иҷозатнома дода шуд.

## Дар бораи ҶДММ “БЭСТ”

18.08.2025

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “БЭСТ” барои фаъолияти оператори низоми пардохтии “БЭСТ” иҷозатнома дода шуд.

## Дар бораи ҶДММ ТАҚХ “Доро Молия”

19.08.2025

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” бинобар тағйир ёфтани номи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурди “Доро Пей” ба ҶДММ ТАҚХ “Доро Молия” бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, тавассути азнавбарасмиятдарорӣ ҷиҳати анҷом додани амалиёти бонкӣ иҷозатнома дода шуд.

Иҷозатномаи ҶДММ ТАҚХ “Доро Пей” аз 05 июни соли 2025, №75 бозхонд ва аз эътибор соқит гардид.

## Дар бораи ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул”

03.10.2025

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ташкилоти суғуртавии Такаффул” барои фаъолияти суғуртавӣ аз рӯйи қоидаҳои мувофиқашудаи намудҳои суғурта иҷозатнома дода шуд. Иҷозатномаҳои ҶДММ “Ташкилоти суғуртавии Такаффул аз 23 июни соли 2023, №63 ва аз 20 сентябри соли 2023, №103 беэътибор дониста шаванд.

## Дар бораи ҶДММ "Душанбе Элит Tower"

21.10.2025

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ", моддаҳои 4 ва 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, ба ҶДММ "Душанбе Элит Tower" анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ аз рӯйи намуди хизматрасонии (фаъолияти) махсус бидуни мубодилаи асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

## Дар бораи ҶДММ "Аудит - Консалтинг"

23.10.2025

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Аудит - Консалтинг" ҷиҳати фаъолияти аудиторӣ барои аудити ташкилотҳои қарзӣ иҷозатнома дода шуд. Иҷозатномаи ҶДММ "Аудит - Консалтинг" аз 08.06.2020, №73, аз эътибор соқит гардид.

## Дар бораи ҶДММ "Меҳмонхонаи Румӣ"

24.10.2025

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Меҳмонхонаи Румӣ", барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ аз рӯйи намуди хизматрасонии (фаъолияти) махсус бидуни анҷом додани мубодилаи асъорӣ иҷозатнома дода шуд.

## Дар бораи ҶДММ "Меҳмонхонаи Фирдавсӣ"

24.10.2025

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Меҳмонхонаи Фирдавсӣ", барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ аз рӯйи намуди хизматрасонии (фаъолияти) махсус бидуни амалӣ намудани мубодилаи асъорӣ иҷозатнома дода шуд.

## Дар бораи "Атлас Ҳотел"

24.10.2025

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Атлас Ҳотел", барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ аз рӯйи намуди хизматрасонии (фаъолияти) махсус бидуни амалӣ намудани мубодилаи асъор иҷозатнома дода шуд.

## Дар бораи ҶДММ ТАҚХ "Фурӯз "

29.10.2025

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон барои дар варақаи шакли тасдиқшудаи нав ба расмият даровардани иҷозатномаи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурди "Фурӯз" барои фаъолияти бонкӣ ҷиҳати анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ розигӣ дода шуд. Иҷозатномаи ҶДММ ТАҚХ "Фурӯз" аз 28.03.2022, №0000150 аз эътибор соқит гардид.

## Дар бораи ЧСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон”

31.10.2025

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” барои дар варақаи шакли тасдиқшудаи нав ба расмият даровардани иҷозатномаи ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” барои фаъолияти бонкӣ ҷиҳати анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ розигӣ дода шуд. Иҷозатномаи ЧСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” №0000060 аз 18.03.2016 аз эътибор соқит гардид.

## Дар бораи “РСМ Тоҷикистон”

04.11.2025

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “РСМ Тоҷикистон” ҷиҳати фаъолияти аудиторӣ барои аудити ташкилотҳои қарзӣ иҷозатнома дода шуд. Иҷозатномаи ҶДММ “РСМ Тоҷикистон” №165 аз 28.06.2020 аз эътибор соқит гардид.

## Дар бораи ҶДММ ТАҚХ “Оксус”

02.12.2025

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” бинобар табдилёбӣ ба ташкилоти амонатии қарзии хурд ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурди “Оксус” барои фаъолияти ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ҷиҳати анҷом додани амалиёти бонкӣ иҷозатнома дода шуд. Иҷозатномаи ҶДММ ТҚХ “Оксус” №243 аз 07.10.2013 аз эътибор соқит гардид.

## Дар бораи ТСА “Спитамен Иншуренс”

05.12.2025

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”, “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии “Спитамен Иншуренс” иҷозатнома барои фаъолияти суғуртавӣ дода шуд. Иҷозатномаи ҶДММ ТСА “Спитамен Иншуренс” аз 19 ноябри соли 2020, №155 аз эътибор соқит гардид.

## Дар бораи ЧСП ТАҚХ “Капитал Траст”

22.12.2025

Тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ба ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ташкилоти амонатии қарзии хурди “Капитал Траст” иҷозатнома барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дода шуд.

## Дар бораи ЧСП Бонки “Имон Интернешнл”

24.12.2025

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва Дастурамали №243 “Оид ба иҷозатномадиҳии ташкилотҳои қарзӣ” бинобар табдилёбӣ ба бонк, ба ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Бонки “Имон Интернешнл” барои фаъолияти бонкӣ ҷиҳати анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

# Шарҳи монетарӣ
## январ-декабр 2025

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2025 сиёсати пулию қарзиро бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо ва раванди танзими ҳаҷми пул, тавассути фишангҳои монетарӣ амалӣ намуд.

Пулҳои захиравӣ ҳамчун нишондиҳандаи амалиётӣ дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ идома дода шуда, дар интиҳои соли ҳисоботӣ маблағи 58,6 млрд сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 27,3 фоиз (ё ба маблағи 12,6 млрд сомонӣ) зиёд мебошад. Дар таркиби нишондиҳандаи мазкур ҳаҷми пули нақд дар муомилот 46,2 млрд сомонӣ ва захираҳои бонкӣ 10,4 млрд сомониро ташкил медиҳанд, ки нисбат ба соли қаблӣ мувофиқан 19,1 фоиз ва 73,7 фоиз афзоиш ёфтанд. Ҳиссаи пули нақди дар муомилот ба санаи 31 декабри соли ҷорӣ 78,8 фоизи ҳаҷми пулҳои захиравиро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин санаи соли қаблӣ 5,4 банди фоизӣ (б.ф.) раванди коҳишёбӣ дорад, ки аз тадриҷан зиёд гардидани субъектҳои иқтисодиёти кишвар ба амалиётҳо тавассути пардохтҳои ғайринақдӣ нишон медиҳад (Диагр.1-2). Вобаста ба талаботи иқтисодиёт аз фонди эмиссионӣ 9,0 млрд сомонӣ пули нақд ба муомилот бароварда шуда, 1,6 млрд сомонӣ аз муомилот гирифта шуд. Эмиссияи пули нақд бошад, маблағи 7,4 млрд сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли қаблӣ 14,8 фоиз кам мебошад. Аз ҳаҷми умумии пули нақди аз муомилот гирифташуда пулҳои коршоям 0,2 млрд сомонӣ ва фарсуда бошад 1,4 млрд сомониро ташкил медиҳад.

Бо назардошти рушди муътадили иқтисодиёт унсурҳои пулӣ низ раванди тағйирёбӣ дошта, ҳаҷми пули нақди берун аз бонкҳо (М0) ба санаи 31 декабри соли 2025 маблағи 42,8 млрд сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 23,3 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми пули миллӣ (М3) дар муқоиса ба ҳамин санаи соли қаблӣ 26,7 фоиз зиёд гардида, маблағи 57,8 млрд сомониро ташкил намуд.

**Диагр. 1. Тағйирёбии пулҳои захиравӣ аз рӯйи сохтор (млрд сомонӣ)**
(манбаъ: БМТ)




**Диагр. 2. Саҳми нишондиҳандаҳои пулӣ дар пулҳои захиравӣ (тағйирёбӣ, бо фоиз)**
(манбаъ: БМТ)




**Диагр. 3. Унсурҳои пулӣ (млрд сомонӣ)**
(манбаъ: БМТ)




Нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул (М4) бошад ба 62,7 млрд сомонӣ баробар гардид, ки 23,0 фоиз раванди афзоишёбӣ дорад (Диагр. 3).

Сатҳи монетизатсия (M4/ММД) дар интиҳои соли ҷорӣ 35,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 2,2 б.ф. зиёд мебошад. Суръати гардиши пул (ММД/М3) бошад ба 3,1 баробар шуда, дар муқоиса ба интиҳои соли қаблӣ бетағйир мебошад (Диагр. 4).

Коэффитсиенти мултипликатори ҳаҷми пул (М3), ки тағйир ёфтани таносуби М3 нисбат ба пулҳои захиравӣ, яъне талаботи пул нисбат ба таклифотро нишон медиҳад, ба интиҳои соли 2025 ба 1,0 баробар гардид.

Меъёри бозтамвил дар соли 2025 бинобар муътадил гардидани сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот, дар ҳудуди поёнии ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва нисбатан муътадил будани интизориҳои таваррумӣ дар соли ҳисоботӣ тадриҷан 1,5 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 7,5 фоизи солона муқаррар карда шуд (Диагр. 5).

Меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли ҳисоботӣ бетағйир нигоҳ дошта шуда, бо пули миллӣ 3,0 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 9,0 фоизро ташкил намуд.

Бо мақсади идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани фишорҳои қурбию таваррумӣ, саҳмгузорӣ ба рушди бозорҳои молиявӣ ва аввалияи коғазҳои қиматнок соли ҷорӣ, 110 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматнок ба маблағи 63,6 млрд сомонӣ баргузор гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ аз рӯи шумораи 10 музояда кам ва аз рӯи маблағ 51,6 млрд сомонӣ (3,3 маротиба) зиёд мебошад. Даромаднокии миёнавазни солонаи онҳо бошад, 6,1 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 1,4 б.ф. зиёд мебошад.

Дар баробари ин, тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағҳои озоди ташкилотҳои қарзӣ ҷалб карда шуд, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз 1,6 млрд сомониро ташкил менамояд (Диагр. 6).

Ҳамчунин, бо мақсади таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар соли ҳисоботӣ дар ҳаҷми 647,4 млн сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуҳлат пешниҳод карда шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон пайваста чораҳои лозимиро ҷиҳати тақвияти самаранокии сиёсати пулию қарзии кишвар баҳри нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуддат ва устувории низоми молиявии кишвар равона менамояд.

**Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд**

**Диагр. 4. Суръати гардиши пул (тағйирёбӣ, бо фоиз)**
(манбаъ: БМТ)




**Диагр. 5. Тағйирёбии меъёри бозтамвил ва сатҳи таваррум (бо фоиз)**
(манбаъ: БМТ)




**Диагр. 6. Ҳаҷми фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ва ҷалби амонатҳои шабонарӯзӣ (млрд сомонӣ, охири давра)**
(манбаъ: БМТ)



# ҲИСОБОТИ БОНКҲО
## ВА ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР






## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2025
(МЛН СОМОНӢ)

**ДОРОИҲО**

| НОМГӮЙИ БОНКҲО | 31.12.2024 | 31.12.2025 | Тағйирот нисбати 31.12.2024 номиналӣ | Тағйирот нисбати 31.12.2024 нисбӣ |
|---|---|---|---|---|
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 8 719,9 | 11 008,8 | 2 288,9 | 26,2% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 6 926,7 | 9 359,2 | 2 432,5 | 35,1% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 3 919,0 | 6 137,3 | 2 218,3 | 56,6% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 5 349,5 | 4 599,3 | -750,2 | -14,0% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 3 290,1 | 4 435,1 | 1 145,0 | 34,8% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 1 769,8 | 2 802,5 | 1 032,7 | 58,4% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 3 004,7 | 2 749,7 | -254,9 | -8,5% |
| ҶСП "Ҳумо Бонк" | 1 963,6 | 2 582,4 | 618,8 | 31,5% |
| ҶСП Бонки "Имон Интернешнл" | 2 284,5 | 2 579,4 | 294,9 | 12,9% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 2 384,1 | 1 974,4 | -409,8 | -17,2% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 1 561,1 | 1 962,7 | 401,6 | 25,7% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 1 294,2 | 1 538,5 | 244,3 | 18,9% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 1 096,4 | 1 291,5 | 195,1 | 17,8% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 555,4 | 884,3 | 328,9 | 59,2% |
| ҶСП "Васл Бонк" | 233,4 | 390,6 | 157,1 | 67,3% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 123,0 | 260,5 | 137,5 | 111,7% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 96,2 | 253,9 | 157,7 | 164,0% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 93,3 | 99,9 | 6,6 | 7,1% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 328,1 | 497,2 | 169,2 | 51,6% |




## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2025
(МЛН СОМОНӢ)

### УХДАДОРИҲО

| НОМГӮЙИ БОНКҲО | 31.12.2024 | 31.12.2025 | Тағйирот нисбати 31.12.2024 | |
|---|---|---|---|---|
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 7 730,2 | 9 917,2 | 2 187,1 | 28,3% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 5 807,5 | 7 840,3 | 2 032,8 | 35,0% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 3 352,3 | 4 960,8 | 1 608,5 | 48,0% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 2 858,1 | 3 921,4 | 1 063,3 | 37,2% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 3 963,8 | 3 007,2 | -956,5 | -24,1% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 1 530,8 | 2 420,4 | 889,6 | 58,1% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 2 648,8 | 2 328,0 | -320,8 | -12,1% |
| ҶСП Бонки "Имон Интернешнл" | 1 940,1 | 2 161,9 | 221,8 | 11,4% |
| ҶСП "Ҳумо Бонк" | 1 620,4 | 2 118,9 | 498,5 | 30,8% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 1 309,3 | 1 643,8 | 334,5 | 25,5% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 2 013,9 | 1 543,0 | -470,9 | -23,4% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 1 027,2 | 1 236,2 | 209,0 | 20,3% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 447,0 | 756,8 | 309,8 | 69,3% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 459,5 | 574,2 | 114,7 | 25,0% |
| ҶСП "Васл Бонк" | 118,1 | 247,6 | 129,4 | 109,5% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 64,8 | 202,1 | 137,2 | 211,7% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 179,2 | 179,2 | 3504233% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 47,0 | 52,4 | 5,3 | 11,3% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 204,0 | 333,7 | 129,6 | 63,5% |




## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2025
(МЛН СОМОНӢ)

### САРМОЯ

| НОМГӮЙИ БОНКҲО | 31.12.2024 | 31.12.2025 | Тағйирот нисбати 31.12.2024 | |
|---|---|---|---|---|
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 1 385,8 | 1 592,1 | 206,3 | 14,9% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 1 119,2 | 1 518,9 | 399,7 | 35,7% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 566,7 | 1 176,5 | 609,8 | 107,6% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 989,7 | 1 091,5 | 101,8 | 10,3% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 636,9 | 717,3 | 80,4 | 12,6% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 432,0 | 513,7 | 81,7 | 18,9% |
| ҶСП "Ҳумо Бонк" | 343,2 | 463,5 | 120,3 | 35,0% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 370,3 | 431,4 | 61,1 | 16,5% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 355,8 | 421,8 | 65,9 | 18,5% |
| ҶСП Бонки "Имон Интернешнл" | 344,4 | 417,5 | 73,1 | 21,2% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 239,1 | 382,2 | 143,1 | 59,9% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 251,8 | 318,9 | 67,1 | 26,7% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 267,1 | 302,4 | 35,3 | 13,2% |
| ҶСП "Васл Бонк" | 115,3 | 143,0 | 27,7 | 24,1% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 108,5 | 127,5 | 19,1 | 17,6% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 96,2 | 74,7 | -21,5 | -22,4% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 58,2 | 58,5 | 0,2 | 0,4% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 46,3 | 47,6 | 1,3 | 2,7% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 124,0 | 163,6 | 39,5 | 31,9% |




| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2025 (МЛН СОМОНӢ) | | | ◙ БАҚИЯИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮЙИ БОНКҲО | 31.12.2024 | 31.12.2025 | Тағйирот нисбати 31.12.2024 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 3 880,0 | 5 090,6 | 1 210,6 | 31,2% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 2 850,6 | 3 160,0 | 309,4 | 10,9% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 2 805,9 | 3 016,6 | 210,6 | 7,5% |
| ҶСП "Ҳумо Бонк" | 1 548,4 | 2 111,0 | 562,6 | 36,3% |
| ҶСП Бонки "Имон Интернешнл" | 1 888,0 | 2 099,4 | 211,4 | 11,2% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 1 262,2 | 1 665,7 | 403,5 | 32,0% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 1 338,8 | 1 653,3 | 314,5 | 23,5% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 916,3 | 1 376,0 | 459,7 | 50,2% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 770,9 | 935,2 | 164,3 | 21,3% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 967,7 | 916,1 | -51,6 | -5,3% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 723,2 | 850,3 | 127,2 | 17,6% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 564,4 | 638,3 | 73,9 | 13,1% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 109,5 | 223,5 | 114,0 | 104,2% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 134,9 | 193,6 | 58,7 | 43,5% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 45,8 | 105,9 | 60,0 | 131,0% |
| ҶСП "Васл Бонк" | 1,3 | 67,5 | 66,2 | 100,0% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 28,6 | 27,8 | -0,7 | -2,6% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 1,0 | 1,0 | 100% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 170,3 | 254,8 | 84,5 | 49,6% |




| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2025 (МЛН СОМОНӢ) | | | БАҚИЯИ АМОНАТҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮЙИ БОНКҲО | 31.12.2024 | 31.12.2025 | Тағйирот нисбати 31.12.2024 номиналӣ | Тағйирот нисбати 31.12.2024 нисбӣ |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 6 856,5 | 9 121,9 | 2 265,3 | 33,0% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 4 148,6 | 5 205,2 | 1 056,6 | 25,5% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 2 655,2 | 4 125,8 | 1 470,6 | 55,4% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 2 094,3 | 2 975,8 | 881,5 | 42,1% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 1 920,6 | 2 873,4 | 952,8 | 49,6% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 1 159,4 | 1 842,8 | 683,4 | 58,9% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 1 847,2 | 1 354,4 | -492,8 | -26,7% |
| ҶСП Бонки "Имон Интернешнл" | 954,1 | 1 132,7 | 178,7 | 18,7% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 911,1 | 1 091,3 | 180,2 | 19,8% |
| ҶСП "Ҳумо Бонк" | 533,0 | 779,0 | 246,0 | 46,1% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 803,2 | 668,4 | -134,8 | -16,8% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 224,9 | 535,2 | 310,3 | 138,0% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 407,1 | 506,1 | 99,0 | 24,3% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 367,6 | 455,6 | 88,0 | 23,9% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 36,6 | 179,4 | 142,8 | 390,3% |
| ҶСП "Васл Бонк" | 32,9 | 142,0 | 109,1 | 332,0% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 25,7 | 48,4 | 22,8 | 88,8% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 0,0 | 11,7 | 11,7 | 228564% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 97,2 | 158,5 | 61,3 | 63,1% |




| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2025 (МЛН СОМОНӢ) | | | ФОИДА/ЗАРАР | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮЙИ БОНКҲО | 31.12.2024 | 31.12.2025 | Тағйирот нисбати 31.12.2024 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 220,9 | 660,1 | 439,2 | 198,8% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 257,0 | 475,4 | 218,4 | 85,0% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 120,1 | 208,0 | 87,9 | 73,2% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 37,2 | 153,7 | 116,5 | 313,5% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 140,0 | 150,0 | 10,0 | 7,1% |
| ҶСП "Ҳумо Бонк" | 91,9 | 138,2 | 46,3 | 50,4% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 67,6 | 81,7 | 14,1 | 20,9% |
| ҶСП Бонки "Имон Интернешнл" | 39,6 | 73,2 | 33,6 | 84,7% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 30,0 | 66,9 | 36,9 | 123,0% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 47,8 | 61,1 | 13,3 | 27,8% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 51,6 | 57,3 | 5,7 | 11,1% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 39,6 | 50,4 | 10,8 | 27,2% |
| ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 34,5 | 40,0 | 5,5 | 15,8% |
| ҶСП "Васл Бонк" | 0,0 | 27,6 | 27,6 | 100,0% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 6,0 | 19,0 | 13,0 | 215,3% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 4,6 | 2,5 | -2,1 | -46,6% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 2,6 | 0,2 | -2,3 | -90,4% |
| ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | -3,8 | -25,2 | -21,4 | -556,5% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 2,6 | 11,1 | 8,5 | 329,6% |



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ◘ ДОРОИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮЙИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 31.12.2024 | 31.12.2025 | Тағйирот нисбати 31.12.2024 (бо маблағ) | (бо фоиз) |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 270 469,0 | 370 441,3 | 99 972,3 | 37,0% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 236 142,2 | 250 481,1 | 14 338,9 | 6,1% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 208 324,5 | 214 639,5 | 6 315,0 | 3,0% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 59 218,2 | 65 433,9 | 6 215,7 | 10,5% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 50 948,1 | 116 406,1 | 65 458,0 | 2,3 мар. |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 18 931,4 | 19 213,8 | 282,4 | 1,5% |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 16 428,0 | 13 031,4 | -3 396,6 | -20,7% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 8 685,2 | 6 362,4 | -2 322,8 | -26,7% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 7 816,0 | 10 086,1 | 2 270,1 | 29,0% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 7 214,6 | 7 024,0 | -190,6 | -2,6% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 5 659,3 | 8 026,2 | 2 366,9 | 41,8% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 4 016,6 | 4 082,3 | 65,7 | 1,6% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 2 952,1 | 3 659,3 | 707,2 | 24,0% |
| ҶДММ  "Суғуртаи асри 21" | 2 582,4 | 1 851,0 | -731,4 | -28,3% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 2 111,4 | 2 145,9 | 34,5 | 1,6% |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 48 282,8 | 48 282,8 | - |
| **Ҳамагӣ** | **901 498,8** | **1 141 167,0** | **239 668,2** | **26,6%** |



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

**◙ УХДАДОРИҲО**

| НОМГӮЙИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 31.12.2024 | 31.12.2025 | Тағйирот нисбати 31.12.2024 | |
|---|---|---|---|---|
| | | | (бо маблағ) | (бо фоиз) |
| ЧДММ "ТС Бима" | 139 467,7 | 133 913,5 | -5 554,2 | -4,0% |
| ЧСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 89 634,4 | 97 800,0 | 8 165,6 | 9,1% |
| ЧСП ТС "Паймон Иншуренс" | 36 544,5 | 54 632,1 | 18 087,6 | 49,5% |
| ЧДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 23 894,5 | 62 794,8 | 38 900,3 | 2,6 мар. |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 23 545,9 | 25 109,1 | 1 563,2 | 6,6% |
| ЧДММ "ДС суғурта" | 12 194,6 | 9 755,6 | -2 439,0 | -20,0% |
| ЧДММ "ТС "Меҳнат"" | 6 544,9 | 2 879,8 | -3 665,1 | -56,0% |
| ЧДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 6 134,4 | 5 273,7 | -860,7 | -14,0% |
| ЧДММ "ТС Такаффул" | 4 488,0 | 5 704,1 | 1 216,1 | 27,1% |
| ЧДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 2 017,2 | 1 487,4 | -529,8 | -26,3% |
| ЧДМ "ТС "Муин"" | 1 255,2 | 1 591,3 | 336,1 | 26,8% |
| ЧДММ "ТС Итминон" | 939,7 | 805,1 | -134,6 | -14,3% |
| ЧДММ "ТС Сипаҳр" | 679,4 | 852,7 | 173,3 | 25,5% |
| ЧДММ "Суғуртаи асри 21" | 160,2 | 34,0 | -126,2 | -78,8% |
| ЧДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 77,6 | 145,9 | 68,3 | 88,0% |
| ЧДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 25 192,7 | 25 192,7 | - |
| **Ҳамагӣ** | **347 578,2** | **427 971,8** | **80 393,6** | **23,1%** |



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

**◙ САРМОЯ**

| НОМГӮЙИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 31.12.2024 | 31.12.2025 | Тағйирот нисбати 31.12.2024 (бо маблағ) | Тағйирот нисбати 31.12.2024 (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 212 247,7 | 187 686,2 | -24 561,5 | -11,6% |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 180 834,6 | 272 639,7 | 91 805,1 | 50,8% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 68 856,8 | 80 724,6 | 11 867,8 | 17,2% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 35 672,3 | 40 325,0 | 4 652,7 | 13,0% |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 15 172,8 | 11 440,2 | -3 732,6 | -24,6% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 14 403,6 | 61 774,3 | 47 370,7 | 4,3 мар. |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 6 736,8 | 9 458,2 | 2 721,4 | 40,4% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 5 197,4 | 5 538,4 | 341,0 | 6,6% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 3 076,9 | 3 277,2 | 200,3 | 6,5% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 2 550,8 | 1 088,7 | -1 462,2 | -57,3% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 2 422,2 | 1 817,0 | -605,2 | -25,0% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 2 272,7 | 2 806,6 | 533,9 | 23,5% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 2 033,8 | 2 000,0 | -33,8 | -1,7% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 1 271,1 | 7 206,3 | 5 935,1 | 5,7 мар. |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 1 171,3 | 2 322,1 | 1 150,8 | 98,2% |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 23 083,7 | 23 083,7 | - |
| **Ҳамагӣ** | **553 920,8** | **713 188,2** | **159 267,4** | **28,8%** |



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

### ◙ ВОРИДОТИ МУКОФОТ

| НОМГӮЙИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 31.12.2024 | 31.12.2025 | Тағйирот нисбати 31.12.2024 (бо маблағ) | Тағйирот нисбати 31.12.2024 (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 126 225,1 | 134 610,1 | 8 385,0 | 6,6% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 117 873,2 | 104 501,5 | -13 371,7 | -11,3% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 60 676,7 | 82 653,2 | 21 976,5 | 36,2% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 44 011,1 | 40 527,5 | -3 483,6 | -7,9% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 25 183,3 | 21 638,9 | -3 544,4 | -14,1% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 13 846,2 | 14 727,9 | 881,7 | 6,4% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 8 596,6 | 9 906,9 | 1 310,3 | 15,2% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 5 639,4 | 2 594,3 | -3 045,1 | -54,0% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 4 141,9 | 3 921,3 | -220,6 | -5,3% |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 3 616,1 | 3 312,9 | -303,2 | -8,4% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 2 877,1 | 2 065,2 | -811,9 | -28,2% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 1 377,2 | 4 321,0 | 2 943,8 | 3,1 мар. |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 1 128,3 | 1 772,6 | 644,3 | 57,1% |
| ҶДММ  "Суғуртаи асри 21" | 349,5 | 0,0 | -349,5 | - |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 3,5 | 4,4 | 0,9 | 25,7% |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 30 284,2 | 30 284,2 | - |
| **Ҳамагӣ** | **415 545,2** | **456 841,8** | **41 296,6** | **9,9%** |



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СОЛИ 2025 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

### ◙ ПАРДОХТҲОИ СУҒУРТАВӢ

| НОМГӮЙИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 31.12.2024 | 31.12.2025 | Тағйирот нисбати 31.12.2024 (бо маблағ) | Тағйирот нисбати 31.12.2024 (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶДММ "ТС Бима" | 7 075,0 | 12 233,0 | 5 158,0 | 72,9% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 6 941,2 | 9 416,0 | 2 474,8 | 35,7% |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 3 732,0 | 5 969,0 | 2 237,0 | 59,9% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 3 386,9 | 3 353,0 | -33,9 | -1,0% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 1 642,1 | 18 735,0 | 17 092,9 | 11,4 мар. |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 1 574,8 | 455,0 | -1 119,8 | -71,1% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 1 197,1 | 6 668,0 | 5 470,9 | 5,6 мар. |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 960,0 | 97,8 | -862,2 | -89,8% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 945,8 | 1 330,3 | 384,5 | 40,7% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 425,7 | 517,0 | 91,3 | 21,4% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 348,1 | 0,0 | -348,1 | - |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 245,6 | 241,0 | -4,6 | -1,9% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 141,4 | 1 123,0 | 981,6 | 7,9 мар. |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 64,2 | 48,1 | -16,1 | -25,1% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0,0 | 48,0 | 48,0 | - |
| **Ҳамагӣ** | **28 679,8** | **60 234,2** | **31 554,4** | **2,4 мар.** |



## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СОЛИ 2025 (АДАД)

**◘ ШАРТНОМАҲО**

| НОМГӮЙИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 31.12.2024 | 31.12.2025 | Тағйирот нисбати 31.12.2024 (бо адад) | Тағйирот нисбати 31.12.2024 (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 1 247 797 | 1 180 753 | -67 044 | -5,4% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 586 185 | 686 535 | 100 350 | 17,1% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 356 469 | 230 910 | -125 559 | -35,2% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 36 154 | 51 904 | 15 750 | 43,6% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 29 935 | 51 738 | 21 803 | 72,8% |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 23 241 | 26 931 | 3 690 | 15,9% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 3 476 | 3 309 | -167 | -4,8% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 1 417 | 279 | -1 138 | -80,3% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 617 | 0 | -617 | - |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 347 | 203 | -144 | -41,5% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 187 | 163 | -24 | -12,8% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 167 | 275 | 108 | 64,7% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 160 | 235 | 75 | 46,9% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 76 | 452 | 376 | 5,9 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 9 | 9 | 0,0 | - |
| ҶДММ “Бохтар Иншуренс” | 0 | 250 741 | 250 741,0 | - |
| **Ҳамагӣ** | **2 286 237** | **2 484 437** | **198 200** | **8,7%** |

# ПОРТАЛИ ЯГОНАИ МУҚОИСАВИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВӢ

**ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ ПОРТАЛИ МУТАМАРКАЗ:**

- таъмин намудани шаффофият дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ;
- фароҳам овардани дастрасии осон ва ройгон ба иттилооти боэътимод;
- муқоисаи возеҳи нархҳо, меъёрҳои фоизӣ ва шартҳои хизматрасонӣ;
- баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ;
- ташаккули рақобати солим байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ.



# Tajikistan

*one of the most beautiful places in the world*

